АЗ ШАРИФҶОН ОМӮЗЕД! с.3
БОЗДОШТИ МУОВИНИ ВАЗИРИ МУДОФИА с. 4
ТАБАДДУЛОТ ДАР ҲИЗБИ ДЕМОКРАТ с. 3



ТОҶИКИСТОН

№20 (1583), 15.05.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст! Оғози нашр соли 1992

# ИДГАРДАК *ва* ҲОҶИТАЛБОН

Ì À Í Ú Ø Ó Ä!



МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018 — ширкати сохтмонӣ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ДАР ИН ШУМОРА:

**ХАТЛОН**
Нақшаи даъват 100% иҷро шуд с.4

**КОМАНДАИ ПУТИН**
Киҳо шомили он шуданд с.4

**ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ**
Чаро дар пойтахт ба он роҳ намедиҳанд? с.5

**ТАРБИЯИ ФАРЗАНД**
Масъули он оила аст ё мактаб? с.7

**ПУЛИ БӮСАҲО**
Садамаи автобус ва марги 7 нафар с.11

**ЛОИҚ:**
Шеър наву кӯҳна намешавад! с.13

**ВАРЗИШ**
Паҳлавонони тоҷик дар чемпионати ҷаҳон дар Абу Забӣ с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Роҳҳои табобати астма с.12

# ЧОР МУОВИНИ ПРЕЗИДЕНТИ АМИТ ИВАЗ ШУДАНД

**Қобилҷон Хушвахтзода узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон интихоб гардид.**

Дар ин бора қарори маҷлиси умумии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 14-уми май қабул шуд.

Ҳамчунин, чор ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иваз шуданд. Амонзода Илҳом Темур - доктори илмҳои техникӣ иҷрокунандаи вазифаи ноиби президенти АМИТ - раиси шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникаи АМИТ, Мирзораҳимзода Акобир - доктори илмҳои биологӣ иҷрокунандаи вазифаи ноиби президенти АМИТ - раиси шуъбаи биологии АМИТ, Саломиён Мухаммаддовуд - доктори илмҳои филологӣ иҷрокунандаи вазифаи ноиби президенти АМИТ - раиси шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии АМИТ, Ибодзода Саидмуким Тиллохӯҷа - доктори илмҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ иҷрокунандаи вазифаи ноиби президенти АМИТ - раиси шуъбаи илмҳои тиббӣ ва фарматсевтии АМИТ таъйин гардиданд.

# ХАТЛОН: ИҶРОИ НАҚШАИ ДАЪВАТ ПЕШ АЗ МУҲЛАТ

**Дар вилояти Хатлон нақшаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пурра иҷро гардид.**

Аз дафтари матбуоти вилояти Хатлон гуфтанд, ки дар аввалин рӯзи оғози даъвати ҷавонон ба Артиш ноҳияҳои Хуросон, Муъминобод, Вахш ва Фарҳор нақшаро пурра иҷро карда буданд.

Ба иттилои расида, давоми моҳи апрел то 14-уми май чорабинии даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 21 шаҳру ноҳияи дигар низ ба пуррагӣ ҷамъбаст карда шуд.

Дар 10 соли охир бори аввал аст, ки иҷрои нақша дар қаламрави вилояти Хатлон пеш аз мухлат ба итмом мерасад.

# МАНЪИ СОДИРОТИ ШАКАР АЗ ҚИРҒИЗИСТОН

**Қирғизистон содироти шакарро берун аз қаламрави Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё манъ кард.**

Вазорати кишоварзии Қирғизистон лоиҳаи қарор дар бораи манъи содироти шакар ба берун аз Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро барои баррасӣ пешниҳод кардааст.

Далели ин тасмим пешгирии хатари эҳтимолии камчинӣ ва болоравии нархи шакар дар бозори дохилии Қирғизистон дониста мешавад.

Ба иттилои Вазорати кишоварзии Қирғизистон, ҳоло 74 ҳазор тонна захираи шакар вуҷуд дорад. Ҳамчунин, саҳм барои воридоти шакар аз Русия дар ҳаҷми 28,5 ҳазор тонна муқаррар шудааст. Гуфта мешавад, ки талаботи солонаи Қирғизистон ба шакар 145,7 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Қаблан Русия ва Қазоқистон низ содироти шакарро манъ карда буданд.








# ДИРЕКТОРИ ХБА АЗ «РОҒУН» ДИДАН МЕКУНАД

**Кристалина Георгиева, директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор ба Тоҷикистон меояд.**

Дар назар аст, ки Кристалина Георгиева 16-уми май вориди шаҳри Душанбе шавад. Дар доираи ин сафар мулоқоту вохӯриҳои сатҳи баланди ҷониби Тоҷикистон бо Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор Кристалина Георгиева пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, Кристалина Георгиева бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар НБО-и «Роғун» шинос мешавад.

# САРИ САБЗ



**Гулсифат ШАҲИДӢ, нависандаи намоёни тоҷик**

**- Ҳамаи китобҳои ман бо шаш забони дунё баргардонида шудаанд ва ба ҳамин хотир тасмим гирифтам ин китоб («Акси осмон дар чашм»)-ро ҳам бо забони русӣ нависам, чун ба ин восита тавонистаам шумораи хонандагонамро бештар намоям.**

*- Ҳо, хуб мекунед, муаллимаҷон. Ҳамин хел русӣ навиштан гиред, ҳам хонандаҳоятонро зиёд намоед ва ҳам як кас ду кас навиштаҳоятонро тарҷума карда, ҳақи қалам мегиранду зиндагияшонро хуб мекунанд.*



**Низом ҚОСИМ, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

**- Китоби мазкур («Акси осмон дар чашм») номи зебо ва қаҳрамонҳои зебо дорад. Андешаҳои муаллиф, зебоипарастӣ ва талқини нависанда ба нур, равшанӣ, осмон, коинот ва Худо ба хонанда таъсир мерасонад. Лаҳзаҳое дар асар ҳаст, ки инсон беизтироб хонда наметавонад.**

*- Чунон реклама кардед, ки нохонда ҳам, алакай ба изтироб афтодем. Акнун маҷбуред барои ҳақи қалам гирифтани тарҷумон, чопи иловагии асар ва бознашри он дар нашриёҳои ИНТ мусоидат намоед.*



**Гулбаҳор ШОКИРОВА, ҳунарманди ансамбли давлатии «Шашмақом»**

**- Ҳар қадаре ҳофиз хурсанд бошад, ҳамон андоза роҳи нафасаш озодтар, ба печу ҳам гирифтор нашуда, садояш боз ҳам шевову ширинтар мегардад. Хеле шод мешавам, ки барои ибрози андешаҳоям муҳити мувофиқ меёбам.**

*- Мо ҳам хеле шод шудем аз ибрози андешаҳои шумо ва дар ин фурсати мувофиқ, меҳоҳем донем, ки ҳофизро пеш аз ҳама чӣ чиз хурсанд мекунад, то роҳи нафасаш озод бошад?*


ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# МАНЪИ ҲОҶИТАЛБОНУ ИДГАРДАК

**Дар Тоҷикистон дар асоси қонун расман идгардакро барои кӯдакон манъ карданд. Ҳамчунин, маросими ҳоҷиталбон ва воридоту пӯшидани либоси фарҳанги бегона манъ шуд.**



### Тағйири номи қонун

Дар як ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон лоиҳаи Қонун "Дар бораи танзими чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он тағйиру иловаҳо ворид гардид. Дар ин бора "Садои мардум" - нашрияи парлумони кишвар хабар медиҳад.

Дар ин ҷаласа Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ҷузъиёти тағйиру иловаҳоро шарҳ дода, гуфтааст, ки таҳрири нав ҷавобгӯ ба талаботи замон аст.

Дар ҷаласаи парлумон лоиҳаи Қонун "Дар бораи танзими чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро Парвиз Шодизода, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Файзулло Баротзода, вакили Маҷлиси намояндагон дастгирӣ кардаанд.

Ҳамин тавр, лоиҳаи Қонун "Дар бораи танзими чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба овоз монда шуда, қонун қабул гардидааст.

Махсусан, дар лоиҳа мафҳуми "маросимҳо" ба "маросим", ки худ шакли ҷамъ аст, иваз карда, мафҳуми "анъана" хориҷ карда шуд ва акнун номи Қонун "Дар бораи танзими чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аст.

### Идгардак манъ шуд

Дар асоси моддаи 9-и Қонун "Дар бораи танзими чашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон "исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва тухфаҳои дигар (идгардак) манъ карда шуд".

Ба гуфтаи Сулаймон Давлатзода, ин тағйирот "бо мақсади тарбияи дурусти кӯдакон ва таъмини бехатарии онҳо" гирифта шудааст.

"Дар кишварҳои дигар низ идгардак дар шакли мавҷуда ба мушоҳида намерасад",- таъкид кардааст раиси Кумитаи дин.

Ёдовар мешавем, ки мавзӯи идгардак дар рӯзҳои иди Рамазон ҳам мавриди баҳсу мунозираҳо қарор гирифта буд. Идгардак анъанаест, ки дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон кӯдакон ба хонаи ҳамсояҳо меравaнд ва пас аз табрики ид тухфа мегиранд. Бисёре аз сокинони кишвар мухолифи аз байн бурдани идгардак буданд. Вале феълан он расман манъ карда шуд.

### Тағйирот дар тӯй

Ҳамчунин, дар асоси лоиҳаи нави қонун дар тӯйҳо ҳам баъзе маҳдудиятҳо ҷорӣ шуд. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Сулаймон Давлатзода дар асоси моддаи 11-и лоиҳаи қонуни мазкур муҳлати ба таври ройгон гузаронидани хатна дар муассисаҳои тиббии дахлдор аз 20 рӯз ба 1 моҳ баъд аз таваллуд тамдид шуд.

Ғайр аз ин, хатнасури хайриявӣ бекор карда шуд, зеро "хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак хусусияти оилавӣ касб намудаанд".

Ҳамчунин, дар моддаи 12-и лоиҳаи қонуни мазкур илова ба муқаррароти мавҷуда оид ба тӯйи домодию арӯсӣ, гузаронидани на зиёда аз ду маъракa дар тӯйҳо пешбинӣ гардида, ташкили маъракаҳои дигари бо тӯйи домодию арӯсӣ алоқаманд манъ карда шуд.

### Манъи ҳоҷиталбон

Дар асоси лоиҳаи нави Қонун гуселу пешвози хоҷиён ҳам расман манъ шуд. Сулаймон Давлатзода дар ин ҷаласаи парлумон гуфтааст, ки "солҳои охир шумораи умракунандагон афзуда, аз ҷониби баъзе шаҳрвандон ҳангоми пешвози умракунандагон ба зиёдаравию исрофкориҳо роҳ дода мешавад".

Аз ин рӯ, дар моддаи 13-и лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи оила гузаронидани маъракаҳои гуселу пешвози ҳам хоҷиён ва ҳам умракунандагон пешбинӣ гардида, тақсими тухфаҳо, идона, оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ва ё умра манъ карда шудааст.

### Танзими либос

Дар лоиҳаи нави Қонун пӯшидани либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона низ манъ шуд. Гуфта мешавад, ки тибқи лоиҳаи қонуни мазкур "воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ гардид".

Вале дар Қонун мушаххас наомадааст, ки либоси бегона кадом либос аст.

**О.СОҲИБЗОДА**

# ТАБАДДУЛОТ ДАР ҲДТ

## Саидҷаъфар Усмонзода барканор ва Шаҳбози Аброр раис шуд

**Анҷумани 18-уми ғайринавбатии Ҳизби демократи Тоҷикистон (ҲДТ), ки рӯзи 11-уми май дар меҳмонхонаи "Кангурт"-и шаҳри Душанбе баргузор шуд, табаддулот (кудато)-и сиёсиро мемонд. Дар ин анҷуман раиси ҳамакнун собиқи ҳизб Саидҷаъфар Усмонзода бе ҳузури худаш аз вазифа барканор ва ба ҷойи ӯ Шаҳбози Аброр раис баргузида шуд.**





### Раиси нави ҲДТ

Анҷуман бо ҳузури намояндаҳои бархе сафоратҳо, ҳизбҳои дигар, сардабирони расонаҳои давлатӣ ва хабарнигорон баргузор гардид. Вакилони анҷуман фаъолияти Усмонзодаро «ғайриқаноатбахш» хонда, ӯро аз раисӣ барканор карданд. Худи Усмонзода дар ин анҷуман ширкат надошт. Аз раёсати ҲДТ гуфтаанд, ки ӯро даъват карданд ва аз ӯ хостанд, ки номзадиашро пешбарӣ кунад, вале ӯ наомад.

Шаҳбози Аброри 34-сола, ки то ин замон раёсати ҳизбро дар шаҳри Душанбе ба дӯш дошт, бо 64 раъйи тарафдори 96 вакили ширкатдори анҷуман раиси нави ҲДТ интихоб гардид. Ӯ вакили ин ҳизб дар маҷлиси вакилони халқи Душанбе аст.

Шаҳбози Аброр муассиси ҳафтавори "Истиқлол" ва маҷаллаи "Набзи Душанбе" аст.

Ӯ мегӯяд, ки дар кори раиси собиқи ҳизб "он шӯру шаре, ки солҳои аввали раисиаш буд", дида намешуд.

Ӯ гуфтааст, ки аввал барои «баркарор кардани нуфузи ҳизб дар ҷомеаи сиёсии Тоҷикистон» талош мекунад.

Ҳамчунин, дар кори анҷуман Аҳмадшоҳ Комилзода муовини якуми раис ва Зӯҳро Мирзоева муовини раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон интихоб шуданд.

### Усмонзода норозист

Саидҷаъфар Усмонзода бошад, Анҷумани навбатии ҳизбро аз оғоз ғайриоиннномавӣ арзёбӣ кард.

Ёдовар мешавем, ки бархе аз аъзои Шӯрои сиёсии ҲДТ рӯзи 6-уми апрел бидуни ҳузури раиси ҳизб бо баргузор кардани ҷаласае "бо норизоиятӣ аз кору раисӣ ва шеваи фаъолияти ҳизбии раиси он" Саидҷаъфар Усмонзода анҷумани ғайринавбатии ҳизбро даъват карданд. Қарори ин ҷаласаро расонаҳои расмии давлатӣ нашр карданд.

Усмонзода бошад, ин корро "рафтори ғайриоинномавӣ" номид.

Ӯ аввал гуфт, ки ба суд шикоят мекунад, вале баъдан эълон кард, ки интизори тасмими Президенти кишвар хоҳад монд.

### Ҳизби пурмоҷаро

Ҳизби демократи Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфтааст. Дар давоми мавҷудият ҳизб борҳо ба табаддулот дучор шуда, ба ҷиноҳҳо тақсим шудааст. Аз ҷумла баъди соли 1993, ки фаъолони ин ҳизб ба хориҷи кишвар паноҳанда шуданд, ин ҳизб ба ду қисм - ҷиноҳи Алмаато ва ҷиноҳи Теҳрон ҷудо шуда, баъдан ҷиноҳи Алмаато вориди Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик шуд ва дар музокироти сулҳи тоҷикон ширкат кард.

Соли 2006 баъди зиндонӣ кардани раиси ҳизб Маҳмадрӯзӣ Искандаров Масъуд Собиров анҷуман баргузор намуда, раиси ҳизб шуд. Пас аз ин ҳам ҳизб ба ду ҷиноҳ тақсим гардид, ки якеро Масъуд Собиров ва дигареро Раҳматулло Валиев раҳбарӣ мекарданд.

Соли 2013 Вазорати адлия бар асоси санҷиши якмоҳа ва омӯзиши асноди пешниҳодии ҲДТ Оинномаи нави ҳизбро номнавис ва расман Саидҷаъфар Усмонзодаро раиси он эътироф кард. Дар интихоботи президентии моҳи ноябри ҳамон сол Саидҷаъфар Усмонзода ширкат кард. Ӯ ду навбат аст, ки аз Ҳизби демократи Тоҷикистон вакили парлумони кишвар аст.

**Д. ҚОДИРПУР**



**Афғонистон аз ҳуқуқи овоздиҳӣ дар Маҷмаи Умумии СММ барои пардохт накардани аъзоҳақӣ маҳрум шуд. Дар ин бора ваколатдори умури Афғонистон дар СММ Носир Аҳмад Фоиқ хабар медиҳад.**

Фоиқ шарҳ додааст, ки Афғонистон муддати се сол боз худуди 200 ҳазор доллар маблағи аъзоҳақиро пардохт намекунад. Қаблан ин маблағ аз ҳисоби Вазорати корҳои хориҷӣ пардохт мешуд, лекин Толибон* шарт гузоштанд, ки то вакти дар СММ муаррифӣ шудани намояндаашон, онро пардохт карданӣ нестанд.



**Nemo, овозхон аз Швейцария бо таронаи "Code" дар озмуни мусиқии "Eurovision 2024" ҷойи аввалро соҳиб шуд. Вай гуфт, умед дорад, ки "Eurovision" битавонад дар оянда ба ҳимоят аз сулҳу ишқ идома диҳад.**

Гурӯҳи "Baby Lasagna" аз Маҷористон (Хорватия) ҷойи дувум ва Алёна Савраненко ва Яна Шемаева (дуэт) аз Украина ҷойи севумро касб карданд. Даври 68-уми озмуни мусиқии "Eurovision" шаби 11-уми май дар Шветсия гузашт.



**Генерал Юрий Кузнетсов, сардори Раёсати кадрҳои Вазорати мудофиаи Русия дастгир шуд. Дар ин бора Кумитаи тафтишотии Русия рӯзи 14-уми май хабар дод.**

Ба иттилои манбаъ, ҳангоми кофтуков аз хонаи Юрий Кузнетсов зиёда аз 100 миллион рубл (1,09 миллион доллар), тангаҳои тилло ва соату ашёи гаронбаҳо ёфта, мусодира кардаанд. Кузнетсов дар моҳи майи соли 2023 ба ин мансаб таъйин шуда буд. Қаблан, муовини вазири мудофиаи Русия Тимур Иванов ҳам дастгир шуда буд.

# КОМАНДАИ НАВИ ПУТИН

## Чаро ӯ ёрони наздиктаринашро аз мансаб барканор кард?

**Президенти Русия Владимир Путин дар ҳайати ҳукумати ин кишвар чанд тағйироти кадрии калидӣ ба амал овард, ки аз ҳама муҳимтаринаш барканории яке аз ёрони наздику деринааш Сергей Шойгу аз мақоми вазири мудофиа буд.**



Путин Шойгуро ба мансаби котиби Шӯрои амният ба ҷои Николай Патрушев, яке аз дигар ёрони хеле наздику деринааш таъйин кард. Патрушевро нозирони умур ҳатто дуюмин шахсияти баъди Путин аз ҳама пурнуфуз дар арши сиёсии Русия ва ворисӣ эҳтимолии Путин мешумурданд. Ба кадом мансаб таъйин шудани Патрушев ҳанӯз маълум нест, вале ба ҷои Шойгу Андрей Белоусов, ки дар ҳукумати қаблии Русия муовини аввали нахуствазир буд, таъйин шудааст.

Баъди Анатолий Сердюков ва Сергей Шойгу, Андрей Белоусов, инак, сеюмин вазири мудофиаи Русия аст, ки на аз байни генералҳои артиш, балки аз берун ба раҳбарии ин вазорат таъйин карда мешавад.

Дар ҳукумати нави Русия чанде дигар аз вазирони калидӣ мансабҳои худро ҳифз кардаанд. Аз ҷумла Михаил Мишустин дар мақоми сарвазир, Сергей Лавров дар мансаби вазири корҳои хориҷӣ ва Владимир Колоколтсев, бо вуҷуди овозаҳои зиёди моҳҳои охир дар мавриди эҳтимоли барканориаш, дар маснади вазири корҳои дохилии Русия боқӣ монданд. Ҳукумати Русия аз сарвазир, як муовини аввал, 9 муовини сарвазир ва 20 вазир иборат аст.

**АНДРЕЙ РЭМОВИЧ БЕЛОУСОВ**

*Вазири нави мудофиаи Русия кист?*

**17-уми марти соли 1959 таваллуд шудааст.**

Факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Маскавро бо ихтисоси иқтисодчӣ - кибернетик бо дипломи аъло хатм кардааст.

Солҳои 2012-2013 роҳбарии Вазорати рушди иқтисоди Русияро бар ухда дошт.

Аз соли 2013 то соли 2020 ёвари президенти Русия дар масъалаҳои иқтисодӣ буд.

21-уми январи соли 2020 муовини аввали сарвазири Русия таъин шуд.

Ахиран, Раиси Шӯрои директорони Роҳҳои оҳани Русия буд.



# 14 МЛН ЭЛЕКТРОМОБИЛ ДАР 1 СОЛ

Deutsche Welle

**Дар соли 2023 дар саросари ҷаҳон 14 миллион мошини барқӣ фурӯхта шуд. Дар ин бора дар гузориши Оҷонси байналмилалии энержӣ хабар дода мешавад.**

Зикр мешавад, ки 95% фурӯши мошинҳои барқӣ ба Чин, Аврупо ва Амрико рост меояд. Дар ҳоле ки фурӯши мошинҳои барқӣ дар саросари ҷаҳон афзоиш меёбад, аммо қисмати бештари он дар чанд бозори бузург мутамарказ шудааст. Дар соли 2023-юм 60% ҳудравҳои нави барқӣ дар Чин, камтар аз 25% дар Аврупо ва 10% дар Амрико ба қайд гирифта шуд, ки тақрибан ба 95% фурӯши ҷаҳонӣ баробар аст. Ҳамин тариқ, шумораи умумии ҳудравҳои барқӣ дар роҳҳо ба 40 миллион адад расид.

# 3,5 МИЛЛИАРДИ БОР БА ӮЗБЕКИСТОН

Фергана. Информационное агентство

**Бонки Осиёии рушд дар давоми солҳои 2025-2027 барои сармоягузории лоиҳаҳо дар Ӯзбекистон 3,5 миллиард доллар ихтисос медиҳад.**

Ҳамкории ду ҷониб дар бахши энергетика, нақлиёт, таъминоти об, зерсохтҳои шаҳрӣ, кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои табиӣ, молия, бахши давлатӣ ва мудирият, маориф ва тандурустӣ сурат мегирад.

Дар ин бора Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ӯзбекистон хабар дод.

Санади мазкур ахиран дар чаҳорчӯби ҷаласаи 57-уми солонаи Шӯрои мудирони Бонки Осиёии рушд дар шаҳри Тифлис имзо шудааст.

*Дар соли 2023 гардиши савдои чакана дар кишварҳои ИИАО нисбат ба соли 2022-юм 6,6% афзоиш ёфтааст.*

*Дар ин бора Комиссияи иқтисодии Авруосиё хабар додааст. Гуфта мешавад, ки бахши омори иттиҳод таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии созмонро барои моҳҳои январ - декабри соли 2023 нашр кардааст.*

*"Мубодилоти савдои чаканаи (тавассути тамоми роҳҳои фурӯш) кишварҳои узви ИИАО дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2022-юм 6,6% афзоиш ёфт",- гуфта мешавад дар гузориш.*



# DUSHANBE CITY ҶАРИМА МЕКУНАД…



**Чанд вақти охир мешунаваму инак худам ҳам ҷарима шудам, барои он, ки дар автобусу троллейбусҳо пардохти нақдӣ кардам, ки дар кишвар манъ будааст…**

Ҳоло баҳси аз деҳаву аз хориҷа омадани мардум як тараф, банкоматҳое, ки барои пур кардани суратҳисоби корт дар нуқтаҳои лозима ҳасту гоҳе ҷое нест, аксарият корношоянд ва мисли дирӯз, ки суратҳисобро пур мекунӣ, дар телефон паёмак меояд ва рӯзи дигар бо дили пур дар автобус кортро наздик мекуниву аз он сӯ кадом бонуе маблағ дар суратҳисоб кофӣ нест" мегӯяду туро пеши дигарон шармгин, назди худат ҳайрон ки "чӣ хел, ҳамин дирӯз пул партофтӣ ку?" суол медиҳиву боз мегуӣ "айпади ман ку", аа, узр, " пулҳои ман ку?".

Ба бинои асосии Душанбе-ситӣ меоиву ҳамон суолҳои болоро медиҳӣ оромона, ки аз онҷо бо асабоният "ака, пулут ҳиҷо шидагӣ нест, смс омадгияй, ягонҷо намерава" мегӯянд. Баъди он ки маблағи дирӯз пуркардаро ба суратҳисобат мегузаронанд, бо табассум мепурсӣ, ки "ака, барои чӣ ин мешавад?". Ҷавоб меоядат, ки "чанд рӯзи охир система мушкилӣ эҷод дорад".

Баъд захрханда мекуниву мебароӣ берун ва бо асабоният даруни дил мегӯӣ: "Систематон ки хуб кор намекунад, мардумро аз кашталаш кашида корт мепурседу ҷарима мекунед? Аввал систематона хуб кунед, корҳои дурусти фаҳмондадиҳӣ гузаронед, банкоматҳоятонро дуруст кунед. Баъд аз мардум чизе, ки қонун гуфтааст, талаб намоед».

**Дилшоди РАҲМАТУЛЛОҲ, сокони пойтахт**




**10-уми май сокини пойтахт Таманно Ҷамиловаи 22-сола бар асари бориши шадид ва роҳбандӣ натавонистааст сари вақт ба таваллудхона биравад. Бинобар ин, дар дохили таксии ширкати "Олуча таксӣ" таваллуд кард.**

Сафармоҳ Саидова, модари Таманно гуфт, ки ҳоло духтару набераш худро хуб ҳис мекунанд ва рӯзҳои наздик аз бемористон ҷавоб хоҳанд шуд. Модар мегӯяд, ки замони фаро расидани вақти таваллуди духтараш таксӣ фармоиш дод, вале то таваллудхона нарасида, тифл ба дунё омад. "Олуча таксӣ" ба модару тифли навзод гувоҳномаи солонаи равуои бепул тақдим кард.

# "ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ"

## Чаро дар пойтахт ба он роҳ намедиҳанд?

**Дар шаҳр зиёд аст ҳолатҳое, ки ба нақлиёти "Ёрии таъҷилӣ" роҳ намедиҳанд. Ин монеа мешавад барои сариваќт нарасидан ба назди бемор. Зиёд ронандагон аз ин огоҳ нестанд, ки роҳ надодан ба мошиниҳои "Ёрии таъҷилӣ" тибқи қонун муҷозот дорад.**




Роҳ надодан ба "Ёрии таъҷилӣ" чӣ паёмад дорад?

Барои роҳ надодан ба нақлиёти ҳолатҳои фавқулода, ба мисли "Ёрии таъҷилӣ", хадамоти оташнишонӣ мувофиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон ҷораҷӯӣ карда мешавад.

Ин мошинҳо ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои ниҳоят зарурӣ ҳатто ҳангоми сурх будани чароғак гузаранд, ба шарте, ки садодиҳандаҳои огоҳкунанда (сирена)-и онҳо фаъол бошад ва ронанда мутмаин бошад, ки ҳангоми убур ҳолати садамавиро ба миён намеорад.

Дар ҳолати роҳ надодан ба "Ёрии таъҷилӣ" ронандагон тибқи моддаҳои 318 ва 326-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳатто агар чароғак сурх бошад ҳам, "Ёрии таъҷилӣ" ва ё дигар нақлиёти хадамоти ҳолатҳои фавқулода ҳуқуқ доранд, ки дар ҳолатҳои ниҳоят зарурӣ бо фаъол кардани сигнали сирена онро гузаранд.

Моддаи 318-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Тоҷикистон "барои итоат накардани ронандагони воситаҳои нақлиёт ба чароғаки роҳнамо ё ишораи танзимгар, роҳ надодан ба нақлиёти барои гузаштан бартаридошта" ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ мекунад.

Тибқи моддаи 326-и ин Кодекс низ "барои риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро ногаҳон ба тағйир додани суръат, самти ҳаракат ё андешидани дигар чораҳо барои таъмини бехатарии худ ё дигарон маҷбур намуда, ба пайдоиши ҳолати садамавӣ мусоидат менамояд", ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда шудааст.

### Шаҳодатномаҳои "харидашуда" ва қоидавайронкуниҳо

Ронандагони нақлиёти "Ёрии таъҷилӣ"-и Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ низ аз бетартибӣ ва қоидавайронкуниҳои ронандагон дар роҳҳои пойтахт ба мо шикоят карда, гуфтанд, ки ба назди бемор дар вақти муайяншуда расида рафтан ниҳоят мушкил аст.

Ба ақидаи онҳо, аксари ронандагоне, ки "Ёрии таъҷилӣ"-ро роҳ намедиҳанд, шаҳодатномаи ронандагиро бо пул харидаанд ва шумораашон ниҳоят зиёд аст.

Дар фаъолияти кормандон ҳолатҳое низ кам набудаанд, ки бемор то расидани "Ёрии таъҷилӣ" фавтидааст.

«Ёрии таъҷилӣ» дар муддати на беш аз 4 дақиқа баъд аз қабули даъват бояд омодаи сафар шавад. Ба назди бемор бошад, мувофиқи таҳлилҳо, вобаста ба масофаи роҳ то 12-13 дақиқа ҳозир шудан лозим аст. Вале монеаҳои роҳ ё роҳ надодани ронандагони автомобилҳои шахсӣ сабаб мешавад, ки аз вақти муайяншуда дер кунанд.




**Дар шаҳри Душанбе аз 10 то 13 июни соли равон Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 доир мегардад.**

Дар ин конфронси бонуфуз роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои бархе аз давлатҳои ҷаҳон, инчунин созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ иштирок менамоянд. Дар доираи конфронс 9 форум дар мавзуъҳои мухталиф ташкил мегардад.



**Дар шаҳри Душанбе озмуни ҷумҳуриявии "Оилаи намунавӣ" ҷамъбаст гардид ва ғолибон муайян шуданд. Шоҳҷоизаи озмуни "Оилаи намунавӣ"-ро оилаи Оқилбой Гадоев аз шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд ба даст овард.**

Оқилбой Гадоев ва ҳамсараш Чевар Муродова 41 сол пеш бо ҳамдигар издивоҷ кардаанд. Онҳо соҳиби чаҳор фарзанд ва нуҳ набера мебошанд. Ҳардуяшон омӯзгор ҳастанд. "Яке аз шартҳои озмун ин сафарбаркунии фарзандон ба хидмати ҳарбӣ буд. Ҳар се писарам баъди хатми донишгоҳ бо тавсияи мо ба хидмати ҳарбӣ рафтанд",- мегӯяд Гадоев.

# ПОРТОВГОҲРО САРИВАҚТ ТОЗА НАМЕКУНАНД?

**Бисёр вақт сокинони пойтахт аз он шикоят мекунанд, ки партовгоҳҳо сариваќт тоза карда намешаванд. Ҳол он ки, мувофиқи тартиби дохилии муассисаҳои партовкашонӣ, партовгоҳҳои пойтахт бояд маротибае дар шабонарӯз тоза шаванд.**

*Агар партовгоҳи назди манзили шумо сари вақт тоза намешавад, метавонед бо рақамҳои зер ба "Муассисаи партовкашонӣ"-и ноҳияи зисти худ муроҷиат намоед:*

**"Муассисаи партовкашонӣ" дар**

*н. Сино - 107-22-22-17*

*н. Фирдавсӣ - 987-60-94-94*

*н. Шоҳмансур - 888-08-01-16*

*и н. Исмоили Сомонӣ - 224-55-95*

Дар ҳолати бартараф нашудани мушкилот шумо метавонед ба мақомоти болоӣ, масалан ҳукумати ноҳияҳо шикоят кунед.

**Рақамҳои ҳукумати ноҳияҳои пойтахт:**

*н. Исмоили Сомонӣ - (37) 221-06-34*

*н. Сино - (37) 250-30-24*

*н. Фирдавсӣ - (37) 233-63-23; 2-33-29-69*

*н. Шоҳмансур - (37) 221-07-61*



# 34 ТОННА РАНГИ БОСИФАТ ВА 8 ТОННА САҚҚОЧАИ ҶИЛОДИҲАНДА

## Бо истифодаи онҳо барои кашидани хатҳои уфуқӣ IRS баҳри таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳи Душанбе-Чаноқ саҳми бештар мегузорад

**Мавҷудияти хатҳои уфуқӣ яке аз талаботи асосии бахши роҳсозӣ буда, саҳми хатҳои уфуқӣ дар таъмини бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт бориз аст ва роҳро зебову назаррабо менамояд. Аз ин лиҳоз, кормандони IRS масъалаи мазкурро мунтазам мадди назар қарор дода, фаъолиятро дар ин самт тавсеа бахшидаанд.**

Тибқи иттилои Маркази матбуоти филиали Ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли равон барои дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ гардидани ин кор 34 тонна ранг ва 8 тонна саққочаи ҷилодиҳанда истифода хоҳад шуд. Бо назардошти он ки қонунмеҳварӣ ва таъмини шаффофият барои IRS авлавият аст, ҷиҳати харидории масолеҳи зикршуда тендер эълон шуда, ба сифат ва ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ будани онҳо тавaҷҷуҳ хоса аст.

Харидории саққочаҳои ҷилодиҳандаро манбаъ ба муроҷиати шаҳрвандон рабт дод. Маълум гардид, ки зимни муроҷиат аз тариқи саҳифаи филиали Ширкат дар шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла "Фейсбук" шаҳрвандон аксар маврид аз манфиатҳои хатҳои уфуқӣ ёдовар шуда, дархост намудаанд, ки беҳтар мешавад, агар зимни кашидани хатҳои уфуқӣ ба қобилияти ҷилодиҳии онҳо бештар тавaҷҷуҳ зоҳир гардад. Тибқи анъанаи роиҷ, ин пешниҳод низ фавран мавриди баррасии роҳбарияти IRS қарор гирифта, дар муддати кӯтоҳ татбиқ шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади муайян сохтани талаботи истифодабарандагони роҳ аз ҷониби филиали Ширкат дар ҳар хати ҳаракати назди плазаҳои толлингӣ барои арзу пешниҳодҳо сандуқ гузошта шудааст. Илова бар ин, хати доимоамалкунандаи филиали Ширкат - 487011020 низ фаъол буда, дилхоҳ мусофиру ронанда метавонад шабонарӯзӣ занг зада, дархост ва эроди худро ироа намояд.

Махсусияти кашидани хатҳои уфуқӣ бо усули зикршуда дар он зоҳир мегардад, ки шабона бо қобилияти ҷилодиҳии худ бехатарии ҳаракатро комилан таъмин менамоянд. Далелҳо гувоҳи онанд, ки солҳои охир дар заминаи тадбирандешиҳои саривақтӣ аз ҷониби кормандони намояндагиҳои Варзоб, Зарафшон ва Суғд дар масофаи садҳо километр хатҳои уфуқӣ аз нав кашида шуданд. Муҳимтар аз ҳама, ин иқдом бо истифода аз ранги босифат, тавассути техникаи замонавӣ, ки барои ҳар як намояндагӣ алоҳида харидорӣ шудааст, амалӣ гардида истодааст. Чунин тарзи кор ба ҳукми анъана даромада, ҳар сол бо фаро расидани фасли гармо шуруъ гардида, то оғози мавсими сармо идома меёбад.

Тадбирандешиҳои мазкур далели возеҳи он аст, ки боз ҳам беҳбуд бахшидани ҳолати роҳи Душанбе-Чаноқ мунтазам мадди назари роҳбарият ва кормандони IRS қарор дошта, ин раванд давомдор мебошад.



# МЕТОДИСТИ ВАРЗИДА ВА ОМӮЗГОРИ АСИЛ

**Олими забоншинос, методисти варзида, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Саидбой Шербоев 22-юми майи соли равон 80-умин солгарди умрашонро истиқбол мегиранд.**



Рӯзгори ибратбахш, фаъолияти пурсамари корӣ ва пажӯҳишҳои мондагору арзишманди илмии устод Саидбой Шербоев китобест, ки метавон дар ҳар сатри он дарси масъулиятшиносиву дақиқкорӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва инсони комил буданро омӯхт.

Профессор Саидбой Шербоев умри пурбаракати хешро сарфи таълиму тарбияи донишомӯзон карда, садҳо нафарро дар ҷодаи касби пуршарафи омӯзгорию роҳи пуршебу фарози илм дастгирию роҳнамоӣ намудаанд. Аз ин ҷост, ки таҳти роҳбарии эшон 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуда ва 9 нафари дигар дараҷаи илмии номзади илми педагогикаро сазовор шудаанд.

Профессор Шербоев Саидбой дар самти пажӯҳиши масъалаҳои вобаста ба забони тоҷикӣ, махсусан роҳу усулҳои таълими он нақши назаррас доранд. Таълифу нашри пай дар пайи китоби дарсию рӯйимизии «Методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олии Тоҷикистон)» далели возеҳи гуфтаҳои болост. Ин китоби дарсӣ бо дархости хонандагон ва навоварониаш то имрӯз 7 маротиба ба нашр расида, дастраси доираи васеи хонандагон гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки профессор Саидбой Шербоев муаллифи 2 рисола, 6 монография, 10 китоби дарсӣ, 7 дастури методӣ мачмуаи мақолаҳо, 6 барномаи таълимӣ ва садҳо мақолаи илмӣ - методӣ ва оммавӣ мебошанд.

Фаъолияти бисёрсолаи омӯзгорию пажӯҳишҳои илмӣ ва дигар хизматҳои арзишманди устод Саидбой Шербоев дар соҳаи илму маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои кишвар бо Ордери “Шараф” (1999), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2007), нишони фахрии “Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон” ва даҳҳо ифтихорномаю сипосномa қадрдонӣ карда шудааст.

Яке аз муҳимтарину бузургтарин ҷоизаи ифтихории профессор Саидбой Шербоев - ин эҳтирому садоқат ва самимияти ҳамкорону шогирдон ба устод мебошад.

Дар ин санаи фархундарақами умр ба устод Саидбой Шербоев тани сиҳат ва неруи эҷодӣ орзу карда, ин меҳрномаро бо мисраъҳои Камол Насрулло, ки дар ситоиши муаллим гуфта шудааст, ҷамъбаст менамоем:

*Куҷо ояндаи рӯшан*
*тавон дид,*
*Набошад нури*
*чашмони муаллим.*
*Ягон ҳосил ба хоки*
*мазраи таб*
*Магар рӯйида бе*
*дони муаллим?*
*Бидон парвозгоҳи*
*миллати мо*
*Бувад дар рӯйи дастони*
*муаллим.*

**Доро СУҲРОБӢ,**
**рӯзноманигор**

# КОНСТИТУТСИЯ

## - ҳуҷҷати таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023 соли 2024-ро бахшида ба 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд.**

Дар асоси хулосаи коршиносони як қатор давлатҳои пешрафта ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намунаҳои беҳтарини конститутсия ба шумор меравад.

Калимаи «конститутсия» (аз калимаи лотинӣ «constitutio» - муқарарот, сохтор, барпо намудан) маънои сарчашмаи асосии ҳуқуқии дорои эътибори олибударо дорад.

Конститутсия ҳуҷҷати таърихӣ мебошад. Аввалин ибораи конститутсия ҳанӯз дар аҳди Руми қадим маълум буд. Он дар шакл ва мазмуни имрӯзаи худ дар натиҷаи ғалабаи инқилобҳои буржуазӣ-демократӣ ва ба сари ҳокимият омадани синфи нав - буржуазия пайдо гардид.

Аввалин конститутсия соли 1787 дар ИМА ва соли 1791 дар Полша ва Франсия қабул шуда буд. Баъдан конститутсия соли 1809 дар Шветсия, соли 1811 дар Венесуэла, соли 1812 дар Испания, соли 1814 дар Норвегия, соли 1815 дар Нидерландия, соли 1831 дар Белгия, соли 1863 дар Люксембург ва дар дигар давлатҳо давра ба давра қабул гардид.

Дар шароити имрӯза нақш ва аҳамияти конститутсия дар рушди ҷомеа ниҳоят назаррас мебошад, зеро конститутсия муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро ба танзим дароварда, заминаи асосии ташаккули давлатдории миллиро ташкил медиҳад.

Эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар вазифаи ҳар як шаҳрванд мебошад. Он дар тарбия ва ба воя расонидани насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ахлоқи нек ҳамчун ифодакунанда ва равшангари роҳ ба сӯи оянда неку пурсаодат мегардад.

**Мустафо ҶАЛОЛОВ,**
**хонандаи синфи 10-и МД“Литсейи инноватсионии Душанбе”-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# МАСЪУЛИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД КИСТ

## - оила, мактаб ё ҷомеа?



**Мардуми тоҷик аз азал ба тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ дода, барои ҳамчун фарзандони хубу намунавӣ ва бо нангу номус ба воя расонидани онҳо ҳамеша кӯшиш мекарданд. Вале чанд соли охир мушоҳида мешавад, ки ин рисолати оилаҳо коста шуда, алакай масъулияти тарбияро оила бар дӯши мактаб, мактаб баръакс ва ё ҳарду бар уҳдаи ҷомеа мегузоранд. Чаро аҳвол чунин аст? Барои баррасии ин масъала бо Толибшоҳ Ашур Наҷмуддинзода - таҳлилгари масъалаҳои мактабу маориф ҳамсуҳбат шудем.**

**- Мушоҳида мешавад, ки чанд соли охир қонуншиканию ҷиноятҳои миёни ноболиғон, ба вежа хонандагони мактаб зиёд шудааст. Сабаби ин дар бештари маврид дур мондан аз тарбия гуфта мешавад. Мегуфтед, ки масъули тарбияи насли наврас кӣ аст - оила, мактаб ё ҷомеа?**

- Албатта, оила. Пеш аз ҳама, падару модар дар ташаккул ва рушди ахлоқию маънавии фарзанд нақши калон доранд. Агар исбот хохед, мегӯям. Аҳамияти аввалиндараҷаи оила дар он аст, ки фарзанд шуруъ аз таваллуд қисми зиёди умри худро дар муҳити оила мегузаронад, на мактабу ҷомеа ва ҳамчун шахсият низ дар оила ташаккул мёбад. Аз ин сабаб, масъулияти асосӣ бар уҳдаи падару модар аст. Баъде, ки қадамҳои аввалини худро ба мактаб мегузорад, ин рисолат тақсим мешавад ва ин маънои онро надорад, ки як кас масъули тарбияи ӯст. Не, минбаъд раванди таълиму тарбия дар ҳамкории зичи падару модар бо мактаб сурат мегирад. Ин ҷо ҷомеа ҳанӯз масъулияти чандон надорад, зеро ҷомеа кӯдак ҳоло ҳам оила, ҳамсинфон ва омӯзгоронашанд.

**- Барои тарбияи дурусти фарзанд қадамҳои нахустин ва асосӣ кадомҳоянд?**

- Фарзанд тавре бояд тарбия шавад, ки нахуст дорои адабу рафтори нек ва фаросати баланди инсонӣ бошад. Пас аз ин, вай меҳр ба хондан дошта, ҳамчун соҳиби илм ба камол расад. Барои ин падару модараш бояд дар назди ӯ китоб хонанд, ҳамдигарро таҳқиру дашном накунанду аз зӯроварию хушунат истифода набаранд, чунки фарзанд ин ҳамаро ёд мегирад. Барои кӯдаки хурд аввалин намуна оилааш аст ва агар падараш ҳақорат кард, пас ӯ ҳам ҳақоратчӣ мешавад, вале агар ӯ китобу рӯзнома хонд, фарзандаш ҳам китобхон мешавад. Шарти муҳимтарини тарбия - ин одобу дониш доштани худи волидон ё тарбиякунандагон аст.

**- Чанд сол қабл барои танзими масъулияти волидон дар самти таълими фарзанд қонунгузорӣ тадбир андешид. Қабули ин қонун то куҷо муассир буд?**

- Қонуни мазкур дар афкори тамоми қишрҳои ҷомеа такони ҷиддие ба вуҷуд овард. Зеро мардум дарк карданд, ки акнун тарбияи насли наврас ва масъулиятиояндаи неки онҳо на танҳо масъалаи оилавӣ, балки алакай уҳдадориест, ки аз ҷониби қонунгузорӣ танзим гаштааст.

**- Як масъалаи ташвишовари дигар - ин душвортарбия шудани баъзе аз хонандагон аст. Сабаби асосӣ чист ба назари шумо?**

- Камтаваҷҷуҳӣ. Бале, таваҷҷуҳ накардан ба рафтору одоби фарзанд, назорат накардани речаи рӯзи ӯ, нашинохтани дӯстону рафиқонаш, пайваста сарзаниш кардани фарзанд ӯро душворарбия мекунад. Масалан, дар деҳа агар як ҷорво шом ба хона наояд, тамоми аъзои оила ба ҷустуҷӯяш мераванд, вале фарзанд ба хона дер бармегардад ё шаб тамоман намеояду волидайнаш ин рафторро муҳокима намекунанду намепурсанд, ки ӯ то ин вақт дар куҷо буду бо киҳо ва чӣ кор мекард. Ана, бо ҳамин роҳ фарзанд ба шабгардию ҷӯрабозӣ одат мекунад. Агар сари вақт пеши ин амал гирифта шавад, ӯ ин корашро бас мекунад. Ин, пеш аз ҳама, масъулияти волидайну оила аст акнун. Бароиояндаи фарзанд маҳз онҳо ҷавобгӯянд, на мактаб.

**- Мушкили дигар ҷудошавии оилаҳои ҷавон аст. Ин омил то куҷо метавонад сабаби бетарбия шудани фарзандон гардад?**

- Мутаассифона, ин мушкилии бузург аст. Ман ҷомеаро зиёд меомӯзам ва борҳо шоҳид будам, ки баъзе аз калонсолонамон худашон ба тарбияву насиҳат ниёз доранд, махсусан вақте онҳо падар ё модаранд. Бубинед, ҳангоме ки як оила ҷудо шуд, чанд кӯдак аз тарбия дур мемонад. Фарзандро танҳо падару модар дар якҷоягӣ тарбия дода метавонанд, на якеашон.

**- Яке аз шаклҳои тарбияи сунъатии мо - дар вуҷуди кӯдак аз тифлӣ ҷой кардани тарсу ҳарос мебошад. Ин барои ботарбия шудани кӯдак саҳм мегузорад?**

- Қатъиян не. Дуруст аст, ки волидайн ва баъзан калонсолони оила ба хотири оромиш аз амалҳою ҳаракатҳои зиёд, шӯхию бозиҳои кӯдакона боздоштани фарзанд ӯро аз ҳар гуна ҳайвонҳои даранда, хазандаю чаранда, аз духтуру милиса, аз деву ачина тарс медиҳанд. Бо ин роҳ онҳо кӯдакро аз озодона амал кардан дур мекунанд. Агар ба чизе даст дароз кунад, ба дасташ мезананд, "мегазад", "мезанад", "месӯзад", "мехӯрад" гӯён, ӯро метарсонанд. Ин шакли тарбия боис мегардад, ки кӯдак тарсу ба воя мерасад, бовар ба худро гум мекунад. Аз ҳар гуна овозу садоҳо метарсад. Пинҳон мешавад. Ҳарос аз танҳо бозӣ кардан, танҳо хобидан, танҳо мондан мекунад. Ин тоифа кӯдакон бузург ҳам шаванд, тарсу ҳарос дар вуҷудашон боқӣ мемонад. Дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ дармемонанду қарор қабул карда наметавонанд. Дар маҷмуъ, онҳо беирода мешаванд. Мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки аксари кӯдакони чунин тарбиядида дар зиндагӣ муваффақ намешаванд, дар байни ҳамсинфону ҳамкурсон, ҳамсолону ҳамкорон мавқеи хуб пайдо карда наметавонанд ва доим мавриди мазоҳу масхара қарор мегиранд. Яъне, ин роҳи ҳал нест.

**- Пас, барои мустақилияти кӯдак ӯро чӣ гуна бояд тарбия кард?**

- Дар бештари оилаҳо агар фарзанд ба суҳбати калонсолон ҳамроҳ шавад ё хоҳиши баёни фикрашро кунад ва ё ба фикре розӣ нашавад, дарҳол падар ё модар гап заданро барояш манъ намуда, ҳатман мегӯянд, ки ӯ ҳақи гап задан дар назди калонсолонро надорад ё забонаш дароз шудааст. Бадбахтона, ин тарзи муносибат пайваста такрор мешавад ва ин ба он оварда мерасонад, ки баъзе фарзандон аз суҳбат кардан бо калонсолон канораҷӯӣ мекунанду чунин фурсатро аз дӯстонашон меҷӯянд ва баъд аз онҳо маслиҳати нодуруст гирифта, ба роҳи каҷ мераванд. Бале, чунки вақте дар хона ба кӯдак бо оҳанги амру фармон муошират намуда, дар гуфтору амали ӯ маҳдудият мегузоранд ва фикру ақидаашро намешунаванд, ӯ худро дар оила нодаркор меҳисобад ва ҳангоме ки дар байни бачаҳои кӯча фикру ақидааш дуруст ҳисобида шуда, дастгирӣ мёбад, худро дар кӯча, дар байни бачаҳо озод эҳсос мекунад ва кӯчагӣ мешавад. Бинобар ин, бояд аз рӯзҳои аввал фикри кӯдакро ба инобат гирифт, андешаашро шунид ва агар ғалате дорад, ислоҳ кард. Ана, ин аст роҳи дурусти тарбия.

**- Дар ин роҳ вазифаи ҷомеа чӣ аст ва ҷомеа чӣ гуна метавонад кӯдакро тарбия кунад?**

- Ҷомеа кӣ аст? Ману шумо ва ҳамаи атрофиёни кӯдак, мақомот ва милитсияву табибу имом-хатиб. Вақте мо бо кӯдак суҳбат менамоем ва иқдоме аз ҷониби ӯ мебинем, бояд дастгириаш кунем. Вақте дидем, ки назараш ғалат аст, набояд ӯ маҳкум шавад, балки бо мисолҳои мушаххас фаҳмонем, ки роҳи дуруст кадом аст. Ӯро аз ҳад зиёд насиҳат накунем, балки ҳамчун як шахсият ё нафари озоду мустақил ҳамроҳаш суҳбат кунем. Ин аст рисолати ҷомеа.

**- Ва ниҳоят, роҳи ягона ва асосиро дар чӣ мебинед?**

- Дар ҳарсе. Агар падару модар дар хона, омӯзгор дар мактаб ва ҷомеа дар кӯча ба тарбияи кӯдак машғул шаванд, ӯ бешак дар оянда соҳиби одобу рафтор мешавад. Ин ҷои баҳс надорад.

**- Ташаккур барои суҳбат!**

**Мусоҳиб:**
**Мирсаид САТТОРИЁН**

# ОИЛА ВА ТОҶИКИСТОН

## Серхонандатарин нашриёҳои Тоҷикистон

**Ҳафтаномаи "Оила" дар раддабандии серхонандатарин нашрияҳои Тоҷикистон боз зинаи аввалро ишғол кард. Ҳафтаномаи "Тоҷикистон" бошад, миёни нашриёҳои мустақил мақоми дуюмро гирифт. Ҳарду расона марбут ба Медиа-холдинги "Оила" аст.**

Ин радабандӣ 2-юми май ҳангоми муаррифии тадқиқоти нави «Афзалиятҳои расонавии аҳолии Тоҷикистон: телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо» эълон шуд.

Ҳадафи тадқиқоти мазкур муайян кардани афзалиятҳои расонавии аҳолии кишвар мебошад. Яъне, тибқи он муайян карда мешавад, ки шаҳрвандон ба дидану шунидан ва хондани кадом расонаҳои ватанӣ бартарӣ медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки тадқиқот на танҳо ВАО-и анъанавӣ, яъне телевизион, радио ва матбуот, балки ҳамзамон сомона ва шабакаҳои иҷтимоиро низ фаро гирифтааст.

"Тадқиқоти мазкур бори чорум аст, ки гузаронида шуд. Тадқиқотҳои пешина солҳои 2018, 2019 ва 2022 баргузор шуда буданд. Дар ҳар боби тадқиқот маълумот дар бораи вазъи ин ё он ВАО-и махсус, арзёбии муқоисавии натиҷаҳои бадастомада ва таҳлили мухтасар оварда шудааст. Пас аз омӯхтани тадқиқоти мо, худи роҳбарони расонаҳо метавонанд таҳлили амиқтар карда, хулосаҳо баровранд. Мо бо муқоисаи солҳои гузашта ва ҷорӣ, танҳо имкон медиҳем, ки сатҳи афзалиятҳои расонаҳои ватанӣ муайян шавад", — гуфт Набӣ Юсупов, роҳбари гурӯҳи тадқиқотчиён, директори Ташкилоти ҷамъиятии «Машварати расонавӣ».

Ҳамин тавр, дар раддабандии нашрияҳои мустақили Тоҷикистон ҳафтаномаи "Оила" дар зинаи аввал, нашрияи "Тоҷикистон" дар зинаи дуюм ҷой гирифтаанд. Нашриҳои "Фараж", "Муҳаббат ва оила", "СССР" ва "Азия плюс" бошанд, дар зинаҳои баъдӣ қарор доранд.

Ёдовар мешавем, ки тадқиқоти «Афзалиятҳои расонавии аҳолии Тоҷикистон: телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо» аз ҷониби ТҶ "Машварати расонавӣ" дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, ТҶ «МТС «Зеркало» бо дастгирии Сафорати ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.



# АЗ ШАРИФҶОН ОМӮЗЕД!

## дар ҳошияи мавлуди марди сухан

**... Аудитория хомӯш буд ва ба қавле, пашша пар намезад. Устод баъд аз пурсиши донишҷӯён аз ҷавобҳои яке розию аз дигаре хафа, ба мавзӯи нав оғоз намуд. Шарифҷон Ҳусейнзода байни қатори нишастгоҳҳо солор қадам мезаду бо тамкини танҳо ба худаш хос ва бо симои ниҳоят ҷиддӣ ва гоҳе ба мӯйи сари зебо шоназадааш даст бурда, дар бораи адабиёти қадими тоҷикон сухан мегуфт:**

“Самарқанди қандманд,
Ба инат кӣ афканд?...”

... ва ба чеҳраи ҳар кадоме бо диққат менигарист...

Баногоҳ дар рӯ ба рӯи мизи аввал истода, бо ҳарорат гуфт:

- Аз Шарифҷон омӯзед,- ва пас аз сонияе илова намуд,- ана аз ин Шарифҷон... Ҳамдамов имрӯз ба ҳамаи саволҳо ҷавоби дуруст гуфт. Дарсро ана ҳамин хел аз худ кардан лозим...

Ҳама, яке бо ҳасад, дигаре бо ҳайрат ва савумӣ бо ҳавас рӯ ба тарафе, ки он ҷо донишҷӯи соли аввал Шариф Ҳамдамов менишаст, оварданд. Зеро ба таърифи устод Ҳусейнзода сазовор шудан, мисли он буд, ки бо нохун санги хороро бурӣ ва шояд ин яке аз аввалин мукофотҳои олидараҷае буд, ки ӯ дар тӯли умри ҳафтодсолааш сазовор шудааст. Чун Шарифҷон дар гурӯҳи дигар таҳсил мекард, танҳо ҳамон вақт фаҳмидам, ки ӯ ҳамдиёри ман будааст ва бо вай он лаҳзаҳо хеле фахр кардаю то имрӯз аз ӯ ифтихор дорам ва аз ӯ меомӯзам...

... Маҳмадшариф пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бо он донише, ки аз устодони тоҷики худ гирифта буд, иктифо накарда, ба машҳуртарин ва бобрӯтарин донишгоҳи Иттиҳоди Шӯравӣ, Университети ба номи Ломоносови шаҳри Маскав дохил шуда, онро бо баҳои аъло хатм намуд ва аз ҳамон вақт киштии худро ба шино кардан дар баҳри бекаронаи матбуот даровард ва имрӯз маълум гардид, ки ин киштӣ новобаста аз тӯфонҳои хурду бузурги рӯзгор, муваффақона ба соҳили мурод расидааст...

... Маҳмадшариф фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз муҳарририи илмии маҷаллаи “Коммунист Таджикистана” оғоз намуда, минбаъд бо даъвати роҳбарияти газетаи “Омӯзгор” ба он ҷо ба кор омад ва то замони нашри газетаи парлумонии “Садои мардум” (соли 1990) он ҷо фаъолят намуд. Маҳз пас аз он, ки “Садои мардум” ба майдони матбуоти тоҷик ворид гардид ва Шарифҷон ба ҳайси муовини сармуҳаррир таъйин шуд, сифатҳои инсонию ҳисси ватанпарастии ӯ аён гашт. Он замон аввалин сармуҳаррири ин нашрия раҳматии Муродуллоҳ Шерализода буд ва Ҳамдампур низ дар ҷодаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ дар баробари роҳбари худ истодагарӣ мекард. Ҳоло агар саҳифаҳои алакай зардшудаи нашрияро, ки замони кори Маҳмадшариф чоп шудаанд, бардоред, мебинед, ки дар он солҳо ӯ чӣ гуна ба муқобили ҷудоихоҳон ва ҷоҳталабони он замон бо мақолаҳои тезу тунди худ баромад кардааст. Дар он замони пуршӯру шар на ҳар журналист метавонист ин тавр сухан гӯяд. Ин аст, ки душманони давлату миллат сармуҳаррирро ҳадафи худ қарор доданд...

“Бузургонро бузургон зинда медоранд” гуфтан маънои басо чуқуре дорад ва ин амал танҳо хоси он бузургонест, ки қадри одаму одамгариро донанд. Дар нашрияи “Тоҷикистон”, ки дар байни матбуоти ҷамъиятии кишвар пешсаф асту то имрӯз самуҳарририи он ба дӯши Ҳамдампур мебошад, ҳамасола гузаронидани озмуни ба номи Муродулло Шерализода байни журналистон барои мақолаҳои беҳтарин, худ баёнгари ҳол аст...

Тавре аз навиштаҳои ӯ бармеояд, шояд Шариф Ҳамдампур ягона журналисти тоҷик бошад, ки ҳар як ҷумлааш бори маънӣ мекашаду ҳадафманданд ва дигар ниёз ба таҳрир надоранд. Зеро агар онро муҳаррире таҳрир кардан хоҳад, мебинад, ки агар ҷумлаеро гирад ва ё зам кардан хоҳад, ҳадаф ба нестӣ меравад. Чунин ашхоси қалакашро “устоди сухан” мегӯянд ва ин воқеиятест, ки ҳар хонанда метавонад пас аз мутолиаи маводҳои навиштаи ӯ онро дарёбад.

Ҳамдампур ба ғайр аз он, ки рӯзноманигори муваффақ аст, ҳамчунин роҳбари хуб ва серталабест, ки на худ ором мешинаду на зердастонашро ором мегузорад. Санъати роҳбарии ӯ ҳанӯз дар замоне, ки дафтари матбуоти Кумитаи гумрукро роҳбарӣ мекард, аён гашта буд. Маҳз дар давраи роҳбарии аввалин гумрукчии тоҷик генерал Худойқул Ҳамроқулов, ки бо супориши Роҳбари давлат ин сохторро поягузорӣ карда буд, ӯ ҳамчун рӯзноманигори асил тавонист ин маркази матбуотиро созмон дода, онро ба як манбаи маълумоти дақиқу воқеӣ табдил диҳад. Ин тарзи роҳбарӣ ва ин тарзи омӯзиши кормандони ҷавонро то имрӯз давом дода, ӯ тавонист як зумра журналистони номдори кишварро ба воя расонад, ки аксаран то имрӯз худро барҳақ шогирди Шариф Ҳамдампур меҳисобанд.

Шариф Ҳамдампурро ҳамчунин дар Тоҷикистон ва хориҷ аз он чун публитсисти воқеъбин ва ҳақнигор мешиносанд. То ин замон чандин асарҳои хурду бузурги ӯ дастраси хонанда гадидаанд, ки оғози он нашри китоби “Похищенный алфавит» ба забони русӣ мебошад. Минбаъд китобҳои вай бо номи “Тафсилоти як сафари пурхатар”, ”Тоҷикон дар суҳбати Бобоҷон Ғафуров бо Сталин”, “Чунин гуфт оне, ки буду оне, ки ҳаст”, “Бободжон Гафуров летописец истории таджикского народа” буда, ҳамчунин муаллифи филмномае дар бораи академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Тавре мебинем, Шариф Ҳамдампур ба ҳаёти бузургони миллат, аз ҷумла Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров таваҷҷуҳи хоса дорад ва барҳақ имрӯз ӯро метавон яке аз муваффақтарин ғафуровшиносони кишвар арзёбӣ кард.

Ҳамдампур тавонист дар Тоҷикистон нашри рӯзномаҳои русии “Аргументи ин факти” ва “Комсомолская правда”-ро бо иловаи саҳифае аз ҳаёти кишвари худамон чоп кунад. Ин ҷо бояд як ҳодисаеро ёдрас намоем, ки бори дигар ба миллатдӯстии ӯ далолат мекунад. Чанд сол пеш яке аз муаллифони газетаи русии “Комсомолская правда” дар як мақолаи худ миллати тоҷик ва тоҷиконро таҳқир намуда буд. Он замон Ҳамдампур чун ношир аз сармуҳаррири он талаб намуд, ки ин мақолаи иғвоангез аз саҳифаи рӯзнома бардошта шавад, дар акси ҳол нашри “Комсомолская правда” дар Тоҷикистон боздошта мешавад. Аммо ҷониби дигар инро як таҳдиди бепоя гумон карда, талаби ӯро ба инобат нагирифт. Ҳамдампур низ ба ин талаби худ истодагарӣ намуд ва ниҳоят, ҳарчанд ин иқдом ба зарари иқтисодии гурӯҳи нашрияҳое буд, ки тахти сарпарастии Ҳамдампур буданд, нашри ин рӯзномаро дар кишвари мо қатъ намуд.

Обрӯи Шариф Ҳамдампур дар байни журналистони кишварҳои собиқи Шӯравӣ хеле баланд аст ва беҳуда нест, ки ӯро ҳамкасбони хориҷиаш ба ҳайси узви Клуби сармуҳаррирони ИДМ пазируфтаанд. Ҳукумати Тоҷикистон низ заҳматҳои ин марди суханро бо ордени “Шараф” қадрдонӣ намудааст.



*Кормандони медиа-холдинги "Оила"*

Шарифҷон соҳиби фарзандону наберагони кордону солеҳ ва мисли худаш ватанпарасту озодаандеш мебошад, ки ҳоло дастгири падару бобои номдорашон ҳастанд ва кӯшиш мекунанд, ки дар ҳама кори худ аз вай пайравӣ кунанд. Зеро “Мактаби Ҳамдампур” танҳо баҳои ҳамкасбонаш нест ва дар он ҳар касе, ки дилогоҳу инсони комил шудан хоҳад, метавонад таҳсил кунад.

Бале, ҳоло Шарифи мо 70-сола шуд, аммо тавре худаш мегӯяд, “фактори синнусолӣ” аз паҳлуяш гузашта меравад. Ӯ чун ҳамеша чаққону бардам ва сараш пур аз идеяҳои нав ба нав аст. Ҳамчун як дӯст ва як ҳамсабақу ҳамсолу шогирди таҳсилдидаи “Мактаби Ҳамдампур” ба ин шахсияти барои ман азизу шариф аз Худованд боз 70-и дигар ва саломатӣ талаб намуда, ба шогирдони имрӯзааш суханони устоди арҷманд Ҳусейнзодаро такрор мекунам: Аз Шарифҷон омӯзед!

**Абдумудассир АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**



*Бо нависанда Саттор Турсун*



*Бо нависандаи рус Александр Проханов*



*Бо Қаҳҳор Махкамов, Холмурод Шарифов ва А. Қаҳҳоров*



*Бо Оқил Оқилов, собиқ сарвазири Тоҷикистон*



*Бо Шимон Перес, собиқ президенти Исроил*



*Бо Бурҳониддин Раббонӣ, собиқ президенти Афғонистон*

# ҲАМДАМПУР ДАР ШИНОХТИ ДИГАРОН

**Абдунабӣ САТТОРЗОДА,**
**профессор**

Журналисти шинохта Шариф Ҳамдампур ҳанӯз аз даврони донишҷӯӣ ба таърихи халқи тоҷик ва корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат, хоса Бобоҷон Ғафуров таваҷҷуҳи зиёд дошт ва аз ҳамон замонҳо ин мавзуъро пайгирӣ мекард. Асари ӯ “Тоҷикон дар суҳбати Сталин бо Ғафуров” натиҷаи заҳматҳои чандинсолаи муаллиф буда, дар бадали солиёни зиёд, гаштаву баргашта маъхазҳои таърихиро такорӯ намудан ба вуҷуд омадааст.

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
**академик**

Мусоҳибаҳое, ки дар атрофи миллати тоҷик, тоҷикият, ҳисси худшиносию худогоҳии миллӣ Шариф Ҳамдампур анҷом додааст, дар ҳақиқат барои тарбияи насли ҷавони кишвар, дар рӯҳияи арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ, арзишҳои миллии мардуми кишвар бисёр муҳим ва саривақтӣ аст.

**Муҳаммад ҒОИБ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

Аз мутолиаи навиштаҳои Шариф Ҳамдампур чунин бардошт метавон кард: он чизе, ки тақдим намешавад, Ватан аст, он тақвиме, ки кӯҳна намешавад, Ватан аст. Шариф Ҳамдампур журналисти ватандӯст аст ва бо навиштаҳояш ҳамеша ватандӯстиро талқин мекунад.

**Иброҳим УСМОНОВ,**
**профессор**

... Муҳимтарин коре, ки Шариф Ҳамдампур дар китоби “Тоҷикон дар суҳбати Сталин бо Ғафуров” кардааст, нашри суҳбати Бобоҷон Ғафуров бо Сталин аст. Чаро? Чунки дар ин суҳбат Сталин гуфтаи Бобоҷон Ғафуровро дар бораи он ки мардуми тоҷик қадимтарин мардуми Осиёи Миёна ҳастанд, ифода кардааст.

**Сангин ГУЛЗОД,**
**устоди факултаи журналистикаи ДМТ**

Дар чанд соли охир публитсисти шинохта, устод Шариф Ҳамдампур чанд асари арзишмандро ба хонандагон пешкаш кард, ки воқеан саҳифаҳои норушанеро аз ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи мо рушан месозанд. Ҳанӯз нақди мо ба ин асарҳо арзиши сазовор надодааст. Китоби «ВЗГЛЯД: лица и события от Памира до Кремля» бо забони русӣ нашр гардидааст, ки дар шароити муосир нӯшдоруе барои ватандӯстон, ханҷаре дар синаи бадхоҳони миллат ва Ватани тоҷик аст. Пӯшида нест, ки мо ҳама забони модариамонро дӯст медорем. Аммо имрӯз вақти он аст, ки дар баробари бо забони модарӣ асар офаридан, ҳамчунин бо забонҳои дигар, хоса англисиву русӣ асарҳое эҷод шаванд, ки моро муаррифиву манфиатҳои моро ҳимоя карда тавонанд. Аз ин нигоҳ асари мазкур саривақтист ва муаллиф тавонистааст, ки бо мавқеъгирии хос сарнавишту манфиат, таъриху фарҳанги тоҷикро дифоъ намояд. Муҳим он аст, ки муаллиф бо факту далел мегӯяд ва гоҳе аз як баёни нозук хеле бомаҳорат истифода мебарад.



Какая замечательная книга Шарифа Хамдампура! Сколько в ней тонкости, деликатности, ума, откровения... Он умеет выбрать собеседника, расположить его, произнести такие слова, что собеседник, подчас осторожный, недоверчивый, вдруг раскрывается ему и говорит о своём, о сокровенном.

Незабываемы часы, проведённые мною с Шарифом. Мы спускались в глубокие подземелья на стройке великой Рогунской ГЭС и видели, как в черноте, в глубине земли работают отважные неутомимые люди. Мы садились с ним за богатые, ломящиеся от явств столы, и ликовали на счастливых свадьбах. Вместе с подразделениями ОДКБ отправлялись на полигоны, где земля сотрясалась от орудийного грохота и рёва танков. Поднимались на гору Тора-Бора, и на этой высокой горе, как два мудреца, мы сидели, беседовали, и нам открывался мир: перламутровые дали, цветущие сады, розовые и золотые зори. Мы видели восходы и закаты солнца. Мы видели народы, которые населяют землю, страдают, ссорятся, просят друг у друга прощения, воздают хвалу Всевышнему.

Дорогой Шариф, ты уже в низине, занят своим замечательным трудом: своими газетами, своей прозой, своей публицистикой, а я всё ещё на горе. Поднимись ко мне, и я обниму тебя...

Александр Проханов

Асар аз 3 бахш иборат аст. Бо нишон додани корномаи аллома Бобоҷон Ғафуров муаллиф ба имрӯзиён сабақ медиҳад, сабақи ибрат аз рӯзгори бузургон, сабақи истифода аз фурсат ба манфиати миллат, сабақи амал кардан... Барои дигарон муаллиф гуфтан мехоҳад, ки миллати тоҷик ҳамеша силохе барои ҳифз дошту дорад, ки дар маърифату маънавиёти миллат ифода меёбад. Ва дар мисоли дурбиниву ҷасорати роҳбари донишманд Бобоҷон Ғафуров муаллиф хонандаро ба ин андеша итминон мебахшад. Очерку мақолаҳо бахши дуюм ва суҳбату мусоҳибаҳои муаллиф бахши сеюми асарро ташкил медиҳанд. Ин навиштаҳо то андозае таърихи қариб 40-солаи моро нишон медиҳанд. Муаллиф очерку мақолаҳоеро интихоб кардааст, ки ҳанӯз замони шӯравӣ дар матбуоти Маскав (он замон матбуоти марказӣ) чоп шудаанд...

Дар маҷмуъ агар ба ин очерку мақолаҳо назар андозем, мебинем, ки меҳварашон боз ҳам муҳаббат ба миллат, ормонҳои миллӣ, созандагии тоҷик аст. Яъне муаллиф дар ҳар навиштааш талош кардааст, ки тоҷикро созандаву саҳмашро дар таърихи башарият ва зарбаву хиёнатҳои таърихро ба миллаташ нишон диҳад.

**Зулфия ДАВЛАТЗОДА,**
**собиқ вазири фарҳанги Тоҷикистон**

Китобе, ки айни ҳол мутолиа дорам, ин “Тоҷикон дар суҳбати Ғафуров бо Сталин” аз Шариф Ҳамдампур мебошад. Муаллиф дар бораи лаҳзаҳо аз рӯзгори Қаҳрамони халқи тоҷик Бобоҷон Ғафуров ҳарф мезанад. Лаҳзаҳои рӯзгорашро муаллиф аз хотироти ҳамкорон, ҳамнишинон, ҳамсафон, наздикони Б. Ғафуров ва бойгониҳои солҳои гуногун ҷамъ овардааст. Дар ин лаҳзаҳо муаллиф натанҳо чеҳраи ин шахсияти бузургро дар сарнавишти халқи тоҷик нақши созанда доштаро боз мекунад, балки парда аз рӯи ҳақиқати таърих мебардорад. Аслан ин китоб аҳамияти таърихӣ ва тарбиявӣ дорад.

Хондани ин китоб барои ҳар як шаҳрванди кишвар ҳатмист.

ЧУДО

# ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ДАР АБУ ЗАБӢ




**Паҳлавонони тоҷикро дар Имороти Муттаҳидаи Араб боз як мусобиқаи муҳим интизор аст. Ин Чемпионати ҷаҳонии ҷудо аст, ки дар Абу Забӣ баргузор мешавад. Чемпионати ҷаҳон 19-уми май оғоз шуда, 24-уми май ба охир мерасад.**

683 чудокор аз 110 кишвари олам барои иштирок дар мусобиқаи номбурда номнавис шудаанд. Аз ин шумора 362 мард ва 321 бону мебошанд, ки дар 14 вазн бахри имтиёзҳои олимпӣ рақобат мекунанд.

Бар асоси дархости тими Тоҷикистон дар ин мусобиқот 9 варзишгар дар Имороти Муттаҳидаи Араб ширкат хоҳанд кард. Инҳо Муҳаммадсолеҳ Қувватов (60 кг), Нуралӣ Эмомалӣ, Обид Ҷебов (харду - 66 кг), Абубакр Шеров, Беҳрӯзи Хоҷазода (харду - 73 кг), Сомон Махмадбеков (81 кг), Комроншоҳи Устопириён (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (100 кг) ва Темур Раҳимов (+100 кг) хастанд.

Фонди ҷоизаи мусобиқа 1 миллион евроро ташкил медиҳад. Дар рақобатҳои инфиродӣ ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 26 000 евро, барандагони медалҳои нуқра 15 000 евро, барандагони медалҳои биринҷӣ 8 000 евро мегиранд. Дар сабқати дастаӣ ҷойи аввал 90 ҳазор евро, ҷойи дуюм 60 ҳазор евро ва ҷойи сеюм 25 ҳазор евро мукофот дорад.

Ҷудокорон инчунин барои баланд бардоштани мавқеъашон дар рейтингҳои ҷаҳонӣ ва олимпӣ холҳо мегиранд. Барои ғолибон 2000 хол, ҷойи дуюм 1400 хол, ҷойи сеюм 1000 хол дода мешавад.

ҶУДО

# МЕДАЛИ НУҚРАИ ТЕМУР РАҲИМОВ АЗ QAZAQSTAN BARYSY GRAND SLAM-2024

**Дар шаҳри Остонаи Қазоқистон мусобиқаи Qazaqstan Barysy Grand Slam-2024 ба анҷом расид. Дар рӯзи охири мусобиқа Темур Раҳимов ба гирифтани нишони нуқра даст ёфт. Ин ягона медали Тоҷикистон дар мусобиқаи мазкур буд.**

Темур Раҳимов дар вазни ҷамъи 100 кг дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм бо се огоҳӣ муқобили Галюмҷон Крикбойи қазоқ пирӯз шуда, ба даври сеюм баромад. Раҳимов бо мағлуб кардани Ираклӣ Деметрашвилии гурҷӣ ба марҳилаи нимниҳоӣ роҳ ёфт ва муқобили чудокори турк Иброҳим Татароғлу бо имтиёзи вазарӣ зафар ёфта роҳашро ба финал ҳамвор кард.

Дар финал паҳлавони мо бо рақиби оштинопазири худ Тасуру Саитои ҷопонӣ майдондорӣ кард ва бо имтиёзи вазарӣ мувоҷеҳи шикаст шуд. Ӯро бо нишони нуқра қадрдонӣ карданд, ки ин нишони ҷоруми нуқраи Темур Раҳимов дар мусобиқаҳои Гранд Слам аст.

Дигар чудокорони Тоҷикистон Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Комроншоҳ Устопириён (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) дар даври дуюм ва Шодмон Ризоев (-90 кг) дар даври сеюм мувоҷеҳи шикаст шуданд.




ФУТБОЛ

# КМВА ТО ҲОЛ БА БОХТ ДУЧОР НАШУДААСТ

**Баъди анҷоми даври шашуми бозиҳои Лигаи олии футболи Тоҷикитон Клуби марказии варзиши артиш бо пирӯзии навбатии худ ва аз фурсати муносиб истифода бурда, ба садри ҷадвали мусобиқа баромад.**

Клуби марказии варзиши артиш то ҳол дар ягон бозии ин мавсими Лигаи олӣ шикаст нахӯрдааст. «Сарбозон» дар ин давр «Куктош»-ро бо ҳисоби 0:3 мағлуб карданд. Ҳоло КМВА бо панҷ пирӯзӣ, як мусовӣ ва 16 имтиёз дар ҷойи аввал аст. Бозии «Истиклол» бо «Регар-ТадАз», ки ба рӯзи дигар гузаронида шуд, бояс шуд, ин даста як имтиёз бештар дошта бошад.

Дастаи "Ҳосилот" пас аз се бохти пайи ҳам аввалин ғалабаро дар майдонаш ба даст овард. Дастаи ноҳияи Восеъ дастаи «Баркчӣ»-и Ҳисорро бо ҳисоби 3:0 мағлуб кард.

"Хуҷанд" баъди пирӯзӣ бар «Панҷшер» бо ҳисоби 3:1 соҳиби се имтиёз гардида, ба сегонаи аввали ҷадвали мусобиқа наздиктар шуд.

"Эсхата" дар дақиқаҳои охири рақобат бо "Истаравшан" ҳисобро баробар карду аз бохт раҳо ёфт - 2:2.

КУШТӢ

# МУСОБИҚАИ ҶУМҲУРИЯВӢ БО ИШТИРОКИ ПАҲЛАВОНОНИ ДОХИЛИВУ ХОРИҶӢ ДАР ДАНҒАРА

**Бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар Варзишгоҳи марказии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон мусобиқаи кушодии анъанавии ҷумҳуриявии куштии миллӣ бо иштироки варзишгарони дохилию хориҷӣ дар вазнҳои 65 кг, 86 кг ва аз 86 кг боло баргузор шуд.**

Дар мусобиқа паҳлавонони тоҷик Шакармаҳмад Мирмамадов, Умар Расулов, Сухроб Боқиев, Ҳайрандеш Муродзода, Сорбон Латифов, Абубакр Боқиев, Муҳаммадҷон Лоиқов, Мирзоҷамил Рамазонов, Субҳиддин Халилзода, инчунин варзишгарони Ӯзбекистон Бекмурод Олтибоев, Муҳсин Исомиддинов ва дигарон иштирок карданд.

Дар вазни 65 кг Сӯҳроб Боқиев (Тоҷикистон), Ҳайрандеш Муродзода (Тоҷикистон), Артём Штурбабин (Ӯзбекистон), Сорбон Латифов (Тоҷикистон); дар вазни 86 кг Аҳрор Зиёдуллоев (Ӯзбекистон), Самандарбек Садиров (Ӯзбекистон), Умар Бозоров (Ӯзбекистон), Муҳаммадҷон Лоиқов (Тоҷикистон); дар вазни +86 кг Бекмурод Олтибоев (Ӯзбекистон), Муҳсин Исомиддинов (Ӯзбекистон), Шакармамад Мирмамадов (Тоҷикистон) ва Антон Брачов (Русия) ҷойиҳои аввалро соҳиб шуданд.



РЕЗААХБОР

Дастаи «Истиклол»-и Душанбе бо ҳисоби 2:1 бар дастаи «Равшан»-и шаҳри Кӯлоб пирӯз шуда, барандаи Суперҷоми Тоҷикистон-2024 шуд. Голҳои «Истиклол»-ро Рустам Соиров ва Элеке Чибуеке Блессинг, голи «Равшан»-ро Мӯсо Нурназаров заданд. Ҳамин тавр, дастаи футболи «Истиклол»-и шаҳри Душанбе маротибаи дувоздаҳум дар таърихаш барандаи Суперҷоми Тоҷикистон шуд. Қаблан «Истиклол солҳои 2010, 2011, 2012, 2014, 2015, 2016, 2018, 2019, 2020, 2021 ва 2022 соҳиби Ҷом гардида буд.

***

Дар бозии ниҳоии мусобиқаи анъанавии футзал барои дарёфти Ҷоми Рахш Таксӣ-2024 тими «Соро компания-2» бо дастаи «Динамо»-и ВКД бозӣ кард. Воҳӯрии дастаҳо дар Кохи Олимпи шаҳри Душанбе дар ҳузури 1000 мухлис доир гардида, бо ҳисоби 5 бар 3 ба фоидаи тими “Соро компания-2” анҷом ёфт ва ин даста соҳиби 33333 сомонӣ шуд.

***

Варзишгари тоҷик Фаворис Музрапов дар Чемпионати кушоди варзиши сабуки Осиёи Марказӣ сазовори медали тилло гардид. Чемпионати кушоди варзиши сабуки Осиёи Марказӣ 11-12-уми май дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон баргузор шуд. Фаворис Музрапов дар давидан ба масофаи 100 метр байни мардҳо соҳиби медали тилло ва дар масофаи 200 метр сазовори медали нуқра гардид.

***



Аз 21 то 25-уми май дар Душанбе чемпионати CAFA-2024 байни духтарони то 15-сола баргузор мешавад. Дастаҳои чор кишвари минтақа Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон - барои медалҳо мубориза мебаранд. Дар ин мусобиқа тими наврасони Тоҷикистон (U-15)-ро сармураббӣ Фарҳодҷон Холбеков роҳбарӣ мекунад. Мусобиқа дар як давр доир шуда, бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор мешаванд.

# ШИКОЯТИ 16 НАФАР

## аз ҷумла 5 зану 2 ноболиғ аз шиканҷа

**Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон дар ҳисоботи солонааш, ки рӯзи 10-уми майи соли 2024 нашр шуд, хабар дод, ки котиботи гурӯҳи кумаки ҳуқуқӣ ва созмонҳои узви ин эътилофи ҳомиёни ҳуқуқи инсон дар тӯли соли 2023 дар ҷумҳурӣ 16 ҳолати шикояти шаҳрвандон аз шиканҷаву бадрафториро сабт кардааст.**



Дар 5 ҳолат занон ва дар 2 ҳолат ноболиғон аз шиканҷаву бадрафтории асосан кормандони милитсия шикоят кардаанд.

Бино ба ин ҳисобот, мурочиаткунандагон асосан аз чунин ҳолатҳои поймол шудани ҳуқуқи онҳо дар чараёни боздошт ва пешбурди тафтишот шикоят доштанд:

*- боздоштҳои ғайриқонунӣ ва худсарона;*

*- хушунати ҷисмонӣ, аз ҷумла латукӯб, шиканҷа бо неруи барқ;*

*- таҳдиди таҷовуз ба номуси қурбонии шиканҷа ва/ё наздикони ӯ;*

*- таҳдиди ба ҳабс андохтан, ҷазо додан, ё паст задани шаъну эътибор.*

Бино ба ҳисоботи Эътилофи зидди шиканҷа, шиканҷаву бадрафторӣ асосан бо мақсади ба даст овардани эътирофи гуноҳ, ҷазо додан барои аъмоли мушаххас ва ё ҳамчун чора барои паст задани шаъну шарафи инсон ва мутеъ сохтани ӯ истифода мешаванд.




**Довудшо Ризоев, сокини 60-солаи ноҳияи Файзобод бо гумони даст задан ба фолбиниву ҷодугарӣ ва сӯиистифода аз ниёзмандии "муштариён"-аш боздошт шудааст.**

Дар наворе, ки ВКД нашр кард, гуфта мешавад, ӯ бо истифода аз ҳиссиёти шаҳвонӣ ба тани ду зани ҷавон даст дароз кардааст. Ҷабрдидагон дар навор ин амалро тасдиқ мекунанд, вале Довудшо Ризоев мегӯяд, ки "агар даст расонида бошам, он падарона буд".

# ПУЛИ БӮСАҲО ШОҲИДИ САДАМАИ АВТОБУС ВА МАРГИ 7 НАФАР ШУД



**Суди ноҳияи Октябри шаҳри Санкт-Петербурги Русия рӯзи 12-уми майи соли 2024 зодаи Тоҷикистон ва шаҳрванди Русия Раҳматшоҳ Қурбонови 44-соларо то 9-уми июл ба ҳабси пешакӣ гирифт.**

Қурбонов, ки дар ширкати “Такси” ҳамчун ронандаи автобус кор мекард, бар асоси қисми панҷуми моддаи 264-и Кодекси ҷиноятии Русия ба марги 7 мусофири автобус аз беэҳтиётӣ айбдор мешавад ва бар асоси ин банди қонун ба ӯ то 7 соли зиндон таҳдид мекунад.

Рӯзи ҷумъа, 10-уми май автобуси тахти идораи ин ронандаи тоҷик бо 20 мусофир дар рӯи Пули бӯсаҳо (Поцелуев мост) ба дарёи Мойка чаппа шуд ва 7 мусофир ҷон доданд.

Ҳадамоти матбуоти судҳои Санкт-Петербург дар шабакаи Телеграм хабар



медиҳад, ки Раҳматшоҳ Қурбонов дар ҷараёни бозпурсиҳо “аз кирдори худ, аз ин ки автобусро бо тормозҳои вайрон рондааст, изҳори пушаймонӣ ва ба наздикони қурбониён изҳори ҳамдардӣ карда, аз онҳо узр пурсидааст”.

Пас аз як рӯз Кумитаи тафтишоти Русия нисбати Раҳматшоҳ Қурбонов парвандаи ҷиноятии нав боз кард. Дар ин бора “Медуза” хабар медиҳад.

“Дар чараёни тафтишоти пешакӣ муайян карда шуд, ки ронандаи автобус давоми моҳҳои феврал-марти соли 2024 ба ивази пул на камтар аз 10 шаҳрванди хориҷиро дар хонаи ба худаш тааллуқдошта ба қайди қалбакӣ гузоштааст”,- зикр кардаанд дар Кумитаи тафтишот.

Мутобиқи моддаи 322.3 Кодекси ҷиноятии Русия, ба гумонбаршуда то 3 соли зиндон ҷазо таъин шуда метавонад.



**Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия рӯзи 13-уми май аз ошкор шудани як ҳолати гирифтани пора аз тарафи корманди Комиссариати ҳарбии ноҳияи Темурмалик дар ҷанубу шарқи ҷумҳурӣ хабар дод.**

Гуфта мешавад, ки Асомуддинов А. З. сардори зершуъбаи қайди афсарони эхтиётии Комиссариати ҳарбии ноҳияи Темурмалик моҳи августи соли 2023 аз сокини ин ноҳия Н. Ҷ. А. барои “хизмати алтернативӣ”-и писараш 12 000 сомонӣ талаб намудааст.

# КӮДАК ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚ

**Кӯдакӣ давраи ташаккули инсон, тайёрӣ ба ҳаёти мустақилона аст. Кӯдак, чун қоида, танҳо якҷоя бо калонсолон - волидон, парасторон, омӯзгорон, ҷомеа ва давлат чун субъекти ҳуқуқ баромад мекунад.**

Хусусияти асосии фарққунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдак ба синну соли ӯ ва нишондиҳандаҳои ҷисмонию ақлониаш асос меёбад. Амнияту бехатарии кӯдак зери хавфи махсус қарор дорад, зеро кӯдак ба сабаби имкониятҳои ҷисмонию равонии худ наметавонад мустақилона ҳуқуқҳои худро ҳимоя кунад. Кӯдак таҷрибаи ҳаётӣ надорад, аз ин рӯ, амалҳои худро ба андозаи пурра эҳсос намекунад ва барои кирдорҳои худ масъулият ба дӯш надорад.

Мафҳуми ҳуқуқии «кӯдак» чист?

Мафҳуми ҳуқуқии «кӯдак» танҳо ба меъёрҳои синну сол асос меёбад. Он дар моддаи 1-и “Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак” чунин маънидод гардидааст: “Ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18-сола кӯдак ҳисобида мешавад, агар тибқи қонуне, ки нисбати ин кӯдак истифода мегардад, он пештар ба синни балоғат нарасида бошад”.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисми 1-и моддаи 55-и Кодекси оила “Кӯдак шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ (ба синни балоғат) нарасидааст”.

Дар кодексҳои ҷиноятӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳҳои «шахси ноболиғ» ё «ба балоғат нарасида», «хурдсол», «кӯдак», «атфол» истифода гардидааст.

Мафҳуми ноболиғ чист?

Дар мавриди мафҳуми ноболиғ дар қисми якуми моддаи 86-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: «Шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд».

Мафҳуми «хурдсол» нисбат ба категорияи нисбатан маҳдуди кӯдакони ба синни 14 нарасида истифода мешавад.

Соли 1989 Созмони Милали Муттаҳид ҳуҷҷати муҳими байналмилалӣ - “Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак”-ро қабул намуд. 2-юми сентябри соли 1990 Конвенсия ҳукми амал пайдо кард. Тоҷикистон чун узви Конвенсия уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои дар Конвенсия таҳкимбахшидашудаи кӯдаконро таъмин ва ҳифз кунад.

Соли 2001 дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи махсус оид ба ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шуд, ки бевосита ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон машғул аст.



**Билоли ДИЛОВАР,**
**хонандаи синфи 9 МД**
**“Литсейи инноватсионии Душанбе”-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**



# САБӮСАК

## Сабаби гирифторӣ ва роҳҳои наҷот аз он

**• Сабӯсак нишонаи чиркинӣ аст ё беморӣ?**
**• Чаро сари мардон бештар сабӯсак мекунад?**
**• Барои халосӣ аз сабӯсак чӣ бояд кард?**
**Мо ба ин суолҳо посух медиҳем.**

**Таъкид:** Ин саҳифаи мо барои мардон аст!

### Вақте ки мард асабӣ мешавад…

Ғизои нодуруст, истеъмоли аз ҳад зиёди ширинихо ва хӯрокҳои равғанину бирёнии пур аз карбогидрат боиси халалёбии мубодилаи моддаҳо дар ҷисми мард гашта, дар натиҷа дар сар сабӯсак пайдо мешавад. Асабонияти сахт ва фишори рӯҳӣ метавонад сари мардро пур аз сабӯсак гардонад. Тамоми мушкилот ва ғаму андуҳи худро дар дил пинҳон намуда, мард ҳатто ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеорад, ки ин ҳама ба ҷисми ӯ бетаъсир намемонад. Дар натиҷа хастагии равонӣ дар ҷисми мард ҷамъ шуда, боиси ба касалиҳои гуногун гирифтор гаштани ӯ ва пайдо шудани сабӯсак дар сараш мегардад.

### Дору хӯред!

Пас аз ягон ҳодисаи нохуш ва ё фишорҳои пай дар пайи рӯҳӣ дар сари шумо сабӯсак пайдо шуда бошад, беҳуда пул сарф карда, шампуни зидди сабӯсак нахаред, чунки то асабатонро ором насозед, аз сабӯсак халос шуда наметавонед. Ба дорухона рафта, доруҳои таскинбахши асабу витамин харед ва аз паси табобати худ шавед. Кӯшиш намоед, ки бештар дар ҳавои тоза сайругашт намуда, нағз дам гиред. Асабхоятон ки ором шуданд, сабӯсак худ аз худ нест мешавад.

### Ҳормон гунаҳкор аст, агар…

Вақте кори ҳормонҳо дар ҷисми мард халалдор мегардад, пӯсти рӯй ва мӯйи сар равғанин мешавад. Дар сурати сари вақт аз пайи табобат нашудан вайроншавии сатҳи ҳормонҳо шуморо ба бемориҳои узвҳои ҷинсӣ гирифтор хоҳад кард, ки он мардро то безурётӣ мерасонад, бинобар ин, зуд аз паси табобат шавед.

### Зарари тозагӣ

Сабӯсак аслан касалии мардҳои олуфта аст, зеро дар сурати зуд-зуд шустани сар қабати муҳофизатии сар вайрон гашта, ғадудҳои чарбӣ фаъол кор мекунанд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи аз ҳад зиёд олуфтагӣ кардан дар сари мард сабӯсак пайдо мешавад. Аз ҳамин сабаб ба мардон зуд-зуд шустани сар тавсия дода намешавад.

### Парҳез аз шампуни занона

Иддае аз мардон ончунон бепарво ҳастанд, ки агар шампуни худашон тамом шавад, бе истиҳола бо шампуни занона сар мешӯянд. Ин бисёр одати бад аст. Гап сари он аст, ки ҷисми мард аз ҷисми зан куллан фарқ дорад. Истифодаи шампунҳое, ки махсус барои занҳо истеҳсол гаштаанд, метавонад боиси пайдо шудани сабӯсак дар сари мард гардад. Аз фен ва лаку мусхое, ки боиси хушкшавии пӯсти сар мегарданд, истифода набаред.

### Мубориза дар хона

Барои саршӯйӣ оби ҷӯшонидашудаи гармакро бояд истифода бурд, зеро оби аз ҷумак меомада дурушт (сернамак) аст. Дар ҳавои сард сари луч нагашта, кӯшиш кунед, ки пӯсти саратонро дар ҳама фаслҳои сол аз гармохунукшавӣ эмин нигоҳ доред.

Чанд тавсия

**1.** Як дона пиёзро аз турбтарош гузаронида, обашро ба саратон молед ва 2 соат сабр кунед, сипас ба саратон равғани эфири лиму ё лаванда молед. Мӯйи саратонро баъди ин бо оби сиркодошта бе собун шӯед, то бӯйи пиёз рафъ гардад.

**2.** Аз сабӯсак халос шудан хоҳед, дар 2 литр об 2 қошуқча сирко ё шарбати лиму андохта, баъди саршӯӣ мӯйи саратонро бо ин об обгардон кунед.

**3.** Ба касоне, ки аз сабӯсаки сар азият мекашанд, маслиҳат медиҳем, ки ҳафтае 3 маротиба ба пӯсти сарашон равғани беданҷир (касторовое масло) моланд. Пас аз 20-30 дақиқа сарро нағзакак шустан лозим аст.

МАСЛИҲАТ

## ЧАРО АСТМА ДАР БАҲОР ХУРӮҶ МЕКУНАД?

**Шахсоне, ки ба бемории астма гирифторанд, дар фасли баҳор бештар азоб мекашанд. Дар ин айём махсусан маризоне, ки астмаи шакли атопикӣ ва аллергӣ доранд, ҳолашон хеле бад мешавад.**

Гул кардани дарахтон ва чангу ғубори зиёд боиси душвор шудани нафаскашии чунин беморон гашта, дар баъзе ҳолатҳо варам ба мушоҳида мерасад.

### Чӣ бояд кард?

Бемории астмаро мустақилона табобат намудан имкон надорад. Роҳи беҳтарини пешгирии хуруҷи касалӣ он аст, ки бо пайдо шудани нишонаҳои нахустини ин беморӣ мариз ба табибон муроҷиат намояд. Табиб ташхисҳои заруриро гузаронида, маҳз ба кадом навъи астма гирифтор будани шуморо аниқ мекунад.

Беморӣ ба аллергия ягон алоқамандӣ дошта бошад, машварати табиби аллерологро низ гирифтан лозим аст. Фаромӯш накунед, ки дар фасли баҳор шахсони ба астма гирифтор бояд ҳамеша зери назорати духтур қарор дошта бошанд.



## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Дар касбу кор хеле бодиққат буданатон лозим аст. Ҳар як қадами худро бодиққат гузоред. Дар ҳаёти шахсӣ аз рӯи ҳар гапу кори ночиз хафагӣ накунед, ба мунокишаву низоъ роҳ надиҳед. Дар ҳавои гарм аз чойҳои шамолдаро гурезед.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Ҳафта барои нав кардану тағйир додани сарулибос мусоидат мекунад. Ба ғизои солим рӯ оваред, вагарна гирифтори бемориҳои узвҳои ҳозима мегардед. Барои чизҳои нодаркор пули калон сарф накунед. Рӯзҳои истироҳат чизҳои хонаи худро нав кунед.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Давоми ҳафта барои бартараф намудани мушкилиҳои ухдадориҳо неруятон басанда аст. Дар ҳама кор бодиққат буданатон лозим аст, сад бор андеша намуда, баъдан амал намоед. Дар касбу кор ба хатоиву ғалат роҳ надиҳед. Вақти бештари худро бо наздикон гузаронед.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Дар масъалаҳои корӣ бояд қатъӣ амал намоед. Шитобкорӣ накунед, ҳар як қадами худро санҷидаву дониста гузоред. Агар имкони истироҳат карданро дошта бошед, ҳатман ба сафар ё сайругашт бароед. Нисбати саломатӣ бодиққат бошед.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Давоми ҳафта ҳодисаву рӯйдодҳои ногаҳонӣ имкон доранд, вале худро ба даст гирифтанатон лозим аст. Ҳалли масъалаҳои муҳимро ба ҳафтаи дигар гузоред. Эҳтимоли бо нафаре мунокиша карданатон вуҷуд дорад, аз ин рӯ, ба эҳсосот дода нашавед.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Ба саломатӣ ва ҳолати рӯҳии худ диққати хоса диҳед. Аз бардоштани борҳои вазнин ва корҳои душвори ҷисмонӣ худдорӣ намоед. Ба шитобкорӣ роҳ надиҳед ва ба суханеро ба забон наоред, ки баъдан боиси пушаймониятон гардад.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Аз зиёд шудани корҳоятон хурсанд мешавед. Бо вуҷуди серкорӣ истироҳат карданро фаромӯш насозед. Барои фитнес ва сайругашт ҳатман вақт ҷудо кунед. Шумо бояд ҳоло бештар ҳаракат кунед. Аз мунокиша бо наздикону пайвандон худдорӣ намоед.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Ҳодисаву рӯйдодҳои ҳафтаи нав табъи дили шумо сурат намегиранд. Баъзе душвориҳо имкон доранд. Аз мунокиша бо ҳамкорон худдорӣ намоед. Айни замон давраи душвориҳо фаро мерасад. Ҳангоми мошин рондану аз роҳ гузаштан хеле боэҳтиёт бошед.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Дар ҳама кор нуктаи назари атрофиёнро ба эътибор гиред. Дар ҳаёти шахсиятон душвориҳо сар мезананд, бояд ин давраро оромона пушти сар кунед. Нисбати саломатӣ бодиққат бошед. Нафарони муҷаррад бахти худро пайдо мекунанд.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Давоми ҳафта сабру таҳаммулро пеша намуданатон муҳим аст. Душвориҳои сарзада набояд шуморо шикаст диҳанд. Аз робита бо нафароне, ки ба онҳо боварӣ надоред, худро канор гиред. Диққати бештари худро ба наздикону пайвандон равона созед.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Аввали ҳафта худро бад ҳис мекунед. Бо атрофиён баъзе нофаҳмиҳо сар мезананд, хусусан агар онҳо ба ҳости дили шумо амал накунанд. Хабарҳоеро, ки ба дурустияшон шубҳа доред, паҳн накунед. Сарфакор буданатон лозим аст, пулро танҳо барои чизҳои даркорӣ сарф кунед.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Дар фазои корӣ мушкилиҳои зиёде сар мезананд, вале шумо аз уҳдаи тамоми душвориҳо мебароед. Пулро боэҳтиёт сарф кунед. Ба рафтори беандеша роҳ надиҳед. Ба садои қалби худ гӯш андозед. Рӯзҳои истироҳатро ба оилаи худ бахшед, ба сайругашт бароед.



# ЛОИҚ: ШЕЪР НАВУ КӮҲНА НАМЕШАВАД!

**Лоиқ… Устод Лоиқ… Наметавонам "зиндаёд Лоиқ" нависам, зеро ӯ ҳамеша зинда аст ва бо мост. Шеъри ӯ аз ҷавонӣ ёрам шуд ва имрӯз дар пириам низ ғамгусори ман аст. Ҳар гоҳ китобашро ба даст мегирам ё шеърашро дар қироати касе мешунавам, чеҳрааш пеши назарам меояд. Гӯё дирӯз дар хобгоҳи донишгоҳ, ё дар маҳфилеву маҷлисе ва зиёфате бо ҳам будему суҳбат мекардем…**

### Утоқи №46

Вохӯрии аввалинамро бо Лоиқ дар хотир надорам, вале суҳбатҳои дурударозамонро дар хобгоҳи донишгоҳ фаромӯш карда наметавонам.

Солҳои 1963-64-и қарни гузашта банда донишҷӯйи курси сеюми факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) будам. Дар утоқи 46-уми хобгоҳи донишгоҳ (хобгоҳи назди "Олами кӯдакон") 5 нафар зиндагӣ мекардем, ки яке аз онҳо Ҷумъабой Рашидов - шарикдарси собиқи Лоиқ буд. Онҳо то омадан ба пойтахт дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент таҳсил карда буданд.

Лоиқ тез-тез меҳмони утоқи мо мешуд. Он солҳо ӯ ҳарчанд мисли солҳои 70-90 чандон машҳур набуд, вале шеър менавишт ва бо мо донишҷӯёни бахши филология бештар аз адабиёт суҳбат мекард. Барои мо донишҷӯёни солҳои 60 ҷолиб он буд, ки Лоиқ бештар аз шоирони классикӣ шеър меховнд. Он солҳо бештари суҳбатҳо аз адабиёти муосири Шӯравӣ буд, бинобар ин, мо гӯшу ҳуш ба суҳбати Лоиқ мешудем, ки бароямон Ҳофизу Бедил, Соибу Саъдӣ бихонад.

Баъдан вақте бо эҷодиёти дavрони камолоти Лоиқ ошноӣ пайдо кардам, дарк намудам, ки маҳз адабиёти классикӣ таҳкурсии асосии эҷодиёти ӯ ҳастанд. Лоиқ маҳз бо фаро гирифтани адабиёти классикӣ ва омезиши он бо шеъри муосир сабки хосаи хешро ба вуҷуд овард...

Албатта, суҳбатҳои мо дар утоқи №46 бе шеърхонии Лоиқ намегузашт. Хушбахтам, ки аввалин шунавандаи баъзе аз шеърҳои ин шоири бузург будам...

### Лоиқ ва ҷашни Наврӯз

Соли 1963 ё 64 бахшида ба Иди Наврӯз дар назди муҷассамаи устод Рӯдакӣ гирдиҳамоии ҷавонони донишҷӯ баргузор шуд. Он солҳо ҷашнли Наврӯз иҷозат набуд. Ҳизби коммунист ин ҷашни таърихии миллати моро ҳамчун "одати кӯҳна" ва "ҷашни динӣ" мамнуъ эълон карда буд. Вале бо талоши аҳли зиё ва ҷавонони бедорфикр солҳои 60-ум эҳёи ҷашни Наврӯз оғоз шуд. Гирдиҳамоии ҷавонони донишҷӯ яке аз қадамҳои ҷиддӣ дар ин раванд буд. Дар ин гирдиҳамоӣ Лоиқ яке аз ситораҳои асосӣ буд. Ӯ вақте ба минбар мебаромад ва шеърхонӣ мекард, мардум пас аз ҳар як сатраш кафкӯбӣ мекарданд. Ӯ ҳамчунин ҷавонони эҷодкор Гулназар, Аскар Ҳаким, Саидалӣ Маъмур ва чандин нафари дигарро дар ин маҳфил муаррифӣ кард. Ба гумонам шуҳрати Лоиқ ва шоироне ки ном бурдам, аз ҳамон хамоиш оғоз шуд.

Лоиқ баъдан барои эҳёи Наврӯз, худшиносии мардуми тоҷик, боло бурдани мақоми забони тоҷикӣ ва ғайра талошҳои зиёде кард. Ӯ ғайр аз шоир будан яке аз чеҳраҳои муассири фарҳанги тоҷик дар асри XX буд.

### Дар Кобул

Солҳои 1983-84 банда тавассути "Проммэкспорт"-и ИҶШС ба Афғонистон сафарбар шудам ва дар Вазорати адлия тарҷумон будам. Ҳамон сол як гурӯҳи адибони тоҷик ба Кобул омаданд. Аз дӯстам, адабиётшиноси номдор Олимҷон Хоҷамуродов фаҳмидам, ки дар ин ҳайат Лоиқ ҳам будааст.

Интизор нашуда, ба меҳмонхонаи "Кобул" шитофтем. Устод Лоиқ моро бо чеҳраи кушод пазируфт. Он шабу рӯзҳо Лоиқ аз мавзӯи таҳқиқоти ман, ки ба рӯзгор ва осори Анварии Абевардӣ бахшида шуда буд, огоҳӣ дошт. Ҳамчунин, ӯ аз мавзӯи таҳқиқоти Олимҷон, ки вобаста ба адабиёти муосири Эрон буд, хабар дошт. Бинобар ин, суҳбати мо он шом бештар аз Анварӣ буду аз Эрон.

Ману Олимҷон аз дониши фаровони Лоиқ дар мавриди Анварӣ ва адабиёти Эрон дар ҳайрат мондем. Зеро ӯ вақте дар бораи мавзуҳои мо суҳбат мекард, ба нуктаҳое ишора мекард, ки барои мо муҳаққиқон ҳанӯз норавшан буд. Дар он ҷо бори дигар ба доираи васеъи мутолиаи Лоиқ қоил шудам.

Дар ин сафар ҳамчунин шаби шеъри Лоиқ дар Кобул баргузор шуд. Вале афсӯс, ки банда дар он ҳузур надоштам ва бо тақозои вазифа аз Кобул баромада будам. Вале қариб як моҳ ҳамагон аз маҳфили Лоиқ мегуфтанд...

### Ғазал кӯҳна намешавад…

Яке аз рӯзҳои соли 1985 буд. Он солҳо мубориза алайҳи нӯшокиҳои спиртӣ, ки миёни мардум "сухой закон" мегуфтанд, давом дошт. Дар саросари Шӯравӣ барои фурӯши машрубот рӯзу соат ва меъёри муайян муқаррар шуда буд. Дар рӯзҳои муайяншуда - аз соати 16 то 18 як нафар ҳақ дошт, ки ҳамагӣ 2 бутал шароб гирад. Бинобар ин, дар чунин рӯзҳо навбат барои машрубот ба 1,5 - 2 км мерасид.

Дар яке аз чунин рӯзҳо ман ба нуктаи фурӯши машрубот, ки дар маҳаллаи 82 вокеъ буд, рафта навбат гирифтам. Дере нагузашта Лоиқ ҳам омад. Ман ӯро ба назди худам чеғ задам, зеро навбати ман пештар буд.

Чун ҳамеша суҳбати мо дар навбати шароб низ ба адабиёт ва шеър печид. Он шабу рӯзҳо дар мавриди кӯҳна шудани ғазал мақолаҳо нашр шуда, баҳсу мунозира ҷараён дошт. Суҳбати мо ҳам аз ҳамин буд. Лоиқ гуфт:

- Баҳси мунаққидон бепоя аст, зеро ғазал кӯҳна намешавад...

- Рост гуфтед устод, ғазалҳои шумо кӯҳна намешаванд,- гуфта, як ҷавоне, ки пеш аз мо навбат меистод, ба суҳбат ҳамроҳ шуд ва посухи Лоиқро интизор нашуда, ғазали "Ошиқӣ чист?"-ро хонд:

*Ишқ дар дил шуълаи субҳи*
*саодат будааст,*
*Ошиқӣ эҳсоси бахшишҳои*
*қисмат будааст.*
*Дар ҷавонӣ ишқ буду давлати*
*дунё набуд,*
*Он ҳама бедавлатиҳо хуб*
*давлат будааст.*
*Баски аз пои равон мондем,*
*ҳасрат мекунем,*
*Аз паи хубон давидан ҳам*
*ғанимат будааст.*
*Дар фалак ҷустан ситора санъат*
*асту дар замин*
*Хештанро гум накардан низ*
*санъат будааст.*
*Одамӣ баъд аз заволи умр*
*мефаҳмад, ки умр*
*Як назар бар осмон бо чашми*
*ҳайрат будааст.*
*Беҳтарин ганҷе, ки одам ёфт,*
*гар симу зар аст,*
*Беҳтарин ганҷе, ки гум кард ӯ,*
*муҳаббат будааст.*

Лоиқ аз қироати ҷавон хушаш омад. Бо лабони пуртабассум гуфт: "Молодец!".

Пас аз он ки навбатамон расид ва ҳақамонро гирифтем, ҳар ду то ҳайкали Ибни Сино суҳбаткунон омадем. Суҳбатамон хамоно аз ғазал буд.

Лоиқ гуфт:

- Шеър кӯҳнаву нав намешавад. Албатта қолаби шеър нав мешавад, вале ин муҳим нест. Барои хонанда муҳим нест, ки дубайтӣ мехонад ё рубоӣ, ғазал мехонад ё шеъри сафед… Барои ӯ муҳим аст, ки шеъри нағз бихонад, шеъреро, ки ба рӯҳаш созгор бошад. Шоир ҳам бояд суратпараст не, сиратсоз бошад. Дар шеъраш пойбанди зоҳир нашуда, ҳарфи нав бигӯяд...

Ҳамин тариқ роҳҳоро пурра дар бораи шеър суҳбат кардем, ки аз он ман бисёр чизҳоро ёд гирифтам. Албатта, буданд дигар маҳфилҳои устод ба муносибати ин ё он санаи таърихӣ, ки ширкат доштам.

### Анҷом…

Гарчанде ба ин нигошта нукта мегузорам, вале ҳадиси Лоиқ поён надорад. Хотироти банда низ аз вохӯриву суҳбатҳо бо ӯ зиёд аст. Ҳамин хотирот аст, ки Лоиқро дар андешаҳои ман ҳамеша зинда нигоҳ хоҳад дошт...

**Абдурашид САМАДОВ,**
**адабиётшинос**

## МАВЛУДНОМА

**• 16 МАЙ •**

**Роберт Багдасаров** (1929), 95-солагии зодрӯзи рассом.

**Раҳим Бобоҷон** (1939-1997), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Салом Насриддинов** (1929), 95-солагии зодрӯзи бинокор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Евгения Парамонова** (1929), 95-солагии зодрӯзи актрисаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Давид Хайтун** (1899-1965), 115-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Мирюнус Ҷамолов** (1939-2011), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Миркалон Ҷӯраев** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**• 17 МАЙ •**

**Қурбон Арбоб** (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Валентина Ғафурова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Тоҳири Маҳмадризо** (1964), 60-солагии зодрӯзи нависанда.

**• 18 МАЙ •**

**Насриддин Садриддинов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод.

**Шарифи Ҳамдампур** (1954), 70-солагии зодрӯзи публитсист.

**Семен Шмеркин** (1919-1991), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 19 МАЙ •**

**Салом Нуриёни Баравнӣ** (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир ва адабиётшинос.

**Маъруфбой Ёқубов** (1909-1976), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Абдумаҷид Қодиров** (1929-1997), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Абдуҷалил Сатторов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Мансур Яҳёев** (1924-1991), 100-солагии зодрӯзи журналист-суратгир.

**Масъуди Миршоҳӣ** (1954), 70-солагии зодрӯзи донишманди эронии муқими Фаронса, узви хориҷии АМИ Тоҷикистон.

**• 20 МАЙ •**

**Рауф Азизов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Аҳмад Алиев** (1944), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Халил Ғоиб** (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Мамадшо Қадамшоев** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Ҳусейни Нарзулло** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

**Ғоибназар Паллаев** (1929-2000), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Иван Рогалский** (1894-1977), 130-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Амирҷон Ҳасанов** (1924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Бозор Шарифзода** (1919-1963), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

**• 21 МАЙ •**

**Абдуалии Қаландар** (1254-1324), 770-солагии зодрӯзи шоири форс- тоҷик.

**Худоёри Қурбонбек** (1929-2002), 95-солагии зодрӯзи мутриб, мусиқидон, Корманди шоистаи маданиятТоҷикистон.

**Мунирхон Муинзода** (1909-1973), 115-солагии зодрӯзи журналист, яке аз поягузорони матбуоти тоҷик.

**Шоҳфутур Муҳаббатшоҳзода** (1969-1959), 155-солагии зодрӯзи шоир, муаррих.

**• 22 МАЙ •**

**Николай Миронов** (1919-1998), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

**Умед Мухторов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Саидбой Шербоев** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба ронанда, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем, синни то 30-сола. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0278591 ба номи Хасанов Шухрат Бахруллоевич, ки соли 2016 аз МТМУ №19-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0020166, рақами қайд №568, ба номи Асоев Давронҷон Ҷурахонович, ки санаи 23.04.2010 аз Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04078343, ба номи Тургинова Марҳабо Ойбековна, ки санаи 11.01.2022 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 12 ба номи Тенгниев Холмаҳмад Аҳмадович, ки соли 1990 аз Мактаб-интернати нобиноёни ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0165369, рақами қайд №744 ба номи Зуҳуров Фируз Маҳмадюнусович, ки санаи 03.07.2014 аз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Мустафоев Худойберди, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Россия, деҳаи Шоҳмансур, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи боло 214, ба номи Шарифов Султон Шоҳинбегович, аз сабаби дар шуъбаи техникӣ ва ҳуқуқии МБТИ гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01953885, ба номи Гарибмамадова Сулхия Сабзалиевна, ки санаи 15.06.2019 аз ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 №0340057 ба номи Муродова Манижа Олимбековна, ки санаи 10.06.2009 аз МТМУ №51-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №6131 ва дафтари ҳавлӣ ба номи Азизов Абдурахмон Тешаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Шарипов 12 (собиқ Шаумян), ҳ. 12, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №14276 ба номи Салихов Абдусалом, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0266602, ба номи Абдуллоев Ҳасанбой Сафаралиевич, ки соли 2016 аз МТМУ №100-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷамолзода Искандар Аъзамхон, РЯМ: 0430281555, РМА: 245597311, ки соли 2019 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0639849 ба номи Соҳибов Суҳроб Бахтиёрович, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №54-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ЧДММ "Ирони Тоҷикистон Мед, ИТО Мед", РЯМ: 0710012289, РМА: 070019326, ки аз 17.11.2023 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хона ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти рақами 3-Д-541, ки аз 11.02.1993 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода ба номи Мусулманкулов Музаффар Мухамеджонович бо суроғаи ш. Турсунзода, тангкӯчаи М. Ризо (собиқ Крупская), хонаи рақами 1 ба расмият даровarда шудаанд, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТУ №0341621, ба номи Мирзоев Шавкат Иркинович, ки соли 2009 аз Гимназияи №74-и ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷати ронандагӣ, АА0308660, ба номи Тағоев Фарухджон Бобохонович, ки санаи 03.10.2016 аз ШБИ РБДА ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 АБ №028589 ба номи Абзалова Умеда Сайдалиевна, ки соли 1999 аз МТМУ №82-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома хоҷагии деҳқонӣ ба номи Саидова Гулистон Нурхоновна (ХДФ "Гулистон"), РЯМ: 3330030835, РМА: 335168525, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Наҷимджони Хоҷақул, РЯМ: 0730217538, РМА: 095236405 аз санаи 13.10.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи №2-193, аз санаи 01.02.2024 ба номи Шарипова Наргис Асомудиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, хонаи 45, ҳ. 10, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Жалилова Лола Зайнитдиновна, №0231911, РЯМ: 6030075343, РМА: 602413662, санаи судур 02.03.2016, ки дар Нозироти андози ш. Панҷакент ба расмият даровarда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country’s potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Value Chain Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18058/National Personnel Service Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 22 May 2024 NY time.**
- **Project Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18038/National Personnel Service Agreement/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 22 May 2024 NY time.**
- **Capacity Development Officer, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18160/National Personnel Service Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 24 May 2024 NY time.**
- **Project Associate (Roster), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18267/National Personnel Service Agreement/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 29 May 2024 NY time.**
- **Communications Assistant, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18269/National Personnel Service Agreement/NPSA-5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 29 May 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## ТАШКИЛОТИ АМОНАТӢ ҚАРЗИИ ХУРДИ “АРДО КАПИТАЛ”
## ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ**

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзох | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1 | 319 572 | 5 176 236 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2 | 10 246 786 | 8 165 002 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3 | 308 267 | 347 855 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3 | 544 662 | 499 818 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 4.4 | 172 590 | 157 597 |
| Дигар дороиҳо | 4.5 | 176 617 | - |
| **Ҳамаги дороиҳо** | | **11 768 494** | **14 346 509** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Қарзҳои гирифташуда | 4.6 | 2 000 000 | - |
| Амонатҳои мизоҷон | 4.7 | 2 222 686 | 1 482 500 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 4.8 | - | 155 020 |
| Ӯҳдадориҳои дигари ҷорӣ | 4.9 | 165 860 | 4 534 640 |
| **Ҳамаги ухдадориҳо** | | **4 388 546** | **6 172 160** |
| Сармояи саҳҳомӣ | 4.10 | 7 000 000 | 7 000 000 |
| Захираи умумӣ | 4.11 | 138 216 | 138 216 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.12 | 241 733 | 1 036 133 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **7 379 948** | **8 174 349** |
| **Ҳамаги сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **11 768 494** | **14 346 509** |

Директор: ________ **Бедил Музаффарӣ**

ТАШКИЛОТИ АМОНАТӢ ҚАРЗИИ ХУРДИ “АРДО КАПИТАЛ”
ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**Ҳисобот оиди даромади маҷмӯи**

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эзох | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизи | 5.1 | 2 428 267 | 2 286 962 |
| Хароҷоти фоизи | 5.1 | (215 502) | (129 863) |
| **Даромади фоизӣ** | | **2 212 765** | **2 157 100** |
| Даромад аз барқарорсозии арзиши қарзҳо | 5.2 | 113 517 | 23 530 |
| Хароҷоти захираи беқурбшавии қарзҳо | 5.2 | (240 158) | (133 594) |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **2 086 124** | **2 047 036** |
| Даромад аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | 230 475 | 939 334 |
| Хароҷот аз хизматрасонӣ (комиссионӣ) | 5.3 | (119 527) | (148 452) |
| | | **110 948** | **790 882** |
| Фарқияти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 5.4 | 1 797 | ( 44 041) |
| Фарқияти холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 5.5 | - | - |
| | | **1 797** | **23 630** |
| Дигар Даромадҳо | 5.6 | 1 075 | 100 |
| Дигар Хароҷотҳо | | (36 049) | (32 491) |
| | | **(34 974)** | **(32 391)** |
| **Ҳамаги даромади /хароҷоти амалиётӣ** | | **2 163 895** | **2 761 487** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 5.7 | (1 823 310) | (1 446 562) |
| **Фоидаи софи амалиётӣ** | | **340 586** | **1 314 925** |
| Фоида зарари ғайриамалиётӣ | | - | - |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **340 586** | **1 314 925** |
| Андоз аз фоида | 5.8 | (98 853) | (277 936) |
| **Фоидаи соф** | | **241 733** | **1 036 989** |

Директор ________ Бедил Музаффарӣ.

ТАШКИЛОТИ АМОНАТӢ ҚАРЗИИ ХУРДИ “АРДО КАПИТАЛ”
ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

Мақсади мо ба даст овардани боварии устуворе, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷидди бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои муҳосилакорона надорад, ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии устувор –ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳамавақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад ңатиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусоҳибакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад ки дар алоҳидаги ё дар маҷмӯъ онҳо бо қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон , ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонад.

Дар чорчӯбаи аудити мувофиқи СБА гузаронидашаванда, мо ақидаронии касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро дар давоми раванди аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз он:

а) хавфҳои таҳрифи назаррас ки ҳамчун натиҷаи хатоги ё амалҳои мусоҳилкорона ба миён омадааанд ошкор ва баҳо медиҳем; ҷавобан ба ин хавфҳо амалиётҳои аудитро коркард ва мегузаронем; далелҳои аудитории кифоя ва боэътимодро ҷамъ меоварем, ки асоси инъикоси ақидаи мо мегардаднд. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи амалҳои мусоҳилкорона муҳимтар аст нисбат ба хавфи ошкор нашудаи таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи роҳ додани хатогиҳо, зеро амалҳои мусоҳилакорона метавонанад забоняккуни, сохтакори, амали қасдан ба назар нагирифтан, таҳрифи ахбороти пешниҳодшуда ё амали хилофи системаи назорати дохилиро дарбар гирад.

б) системаи назорати дохили, ки барои аудит бо мақсади таҳия намудани тартиботи аудитори барои ҳолатҳои мувофиқ аҳамият дорад меомӯзем, аммо на бо мақсади инъикоси ақида оиди самаранокии системаи назорати дохили шахси тафтишшаванда;

в) ба дурусти сиёсати ҳисобгирӣ истифодашаванда асосноки баҳодии баҳисобгирӣ ва ба эзоҳдиҳии мувофиқи ахборотҳо ки аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда таёр карда шудааст, баҳо медиҳем;

г) оиди дуруст истифодабарии фарзкуни нисбат ба фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда хулоса мебарорем ва дар асоси далелҳои аудитори гирифташуда оиди мавҷуд будани номуаяниҳои назарраси ба воқеъа ё шартҳои ки дар натиҷаи онҳо шубҳаҳои ҷидди нисбати қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи шахси тафтишшаванда пайдо мегарданд, хулоса мебарорем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайяниҳои назаррас ошкор намоем, мо бояд диққатро дар хулосаи аудитори худ ба эзоҳи ахбороти мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборотӣ мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборот номувофиқ бошад шакли хулосаи худро тағйир диҳем. Ақидаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ ки то санаи хулосаи аудитории мо гирифта шудаанд асос ёфтанд. Аммо воқеъаҳо ё шароитҳо дар оянда метавонанд ба қобилияти давом додани бефосилаи фаъолияти шахси тафтишшаванда таъсир расонанд;

д) ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосиби умуман таркиб ва мазмуни он бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ба воқеъаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосиби ва таъмини боэътимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

**ҶДММ “Расселл Бедфорд ААА”**

Директор ________ Ҳамдамов А.Н.

31 марти соли 2024

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАШКИЛОТИ АМОНАТӢ ҚАРЗИИ ХУРДИ “АРДО КАПИТАЛ”
ХИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**Ҳисобот оиди харакати воситаҳои пулӣ**

барои давраи ҳисоботе, ки 31-уми декабрисоли 2023 ба анҷом мерасад

| | шарх | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **265 311** | **1 314 076** |
| *Тасҳеҳи фоидаи соф* | | | |
| Истеҳлок | | (124 866) | 125 741 |
| Хароҷоти софи захираи беқурбшавии қарзҳо | | 133 570 | 110 064 |
| Фонди умумь аз рӯи дороиҳо | | (13 960) | 32 491 |
| Тағйирёбии сандуқи қарзии додашуда | | (2 081 784) | (1 607 141) |
| Тағйирёбии воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Тағйирёбии дигар дороиҳои ҷорӣ | | 195 846 | (135 396) |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои гирифтан | | (14 992) | (55 474) |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои пардохт | | (3 352 815) | 4 249 749 |
| Тағйирёбии амонатҳои мизоҷон | | 740 186 | 695 615 |
| Тағйирёбии андоз аз фоида барои пардохт | | (155 020) | 155 020 |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(4 333 249)** | **4 884 745** |
| **ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | (23 950) | (23 950) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | (44 368) | (44 368) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | | - | - |
| Дигар даромад ва хароҷоти ғайрипулӣ | | - | 7 538 |
| **Хориҷшавӣ / (воридшавӣ) аз фаъолияти инвеститсионӣ** | | **(68 318)** | **(60 780)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Ҳиссагузории муассисон | | - | - |
| Пардохти суди саҳмияҳо | | (1 094 241) | (265 708) |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | **(1 094 241)** | **(265 708)** |
| Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ | | (5 495 808) | 4 558 257 |
| **Воситаҳои пулӣ ба 1 январи 2023** | 5 | **5 176 236** | **617 978** |
| **Воситаҳои пулӣ ба 31 декабри 2023** | 5 | **319 572** | **5 176 236** |

Директор ________ Бедил Музаффарӣ.



### Наркоз

Мард аз зан мепурсад:

- Хонуми зебо, ман барои ба даст овардани муҳаббати шумо бароятон чӣ биёрам?

Зан мегӯяд:

- Наркоз биёред.

### Нафрат

Марде барои ба кор даромадан ҳангоми анкета пур кардан аз дӯсташ маслиҳат мепурсад:

- Гӯш кун, агар ман нависам, ки машрубот менӯшам, маро ба кор намегиранд, агар гӯям, ки наменӯшам, бовар намекунанд. Чӣ нависам?

Дӯсташ мегӯяд:

- Навис, ки арақ менӯшам, вале бо нафрат...

### Тӯҳфа

Ҷарроҳи ҷавонро баъди ду маротиба ҷарроҳии бебарор карданаш мудири шуъба даъват карда, мепурсад:

- Гӯш кун, Аброров, ту дипломро харидай-чӣ?

Ҷарроҳ дар ҷавоб мегӯяд:

- Хафа мекунед, духтур, барои чӣ дипломро мехаридам? Онро ба ман дар зодрӯзам тӯҳфа карданд!

### Равғани зиёдатӣ

Мард аз занаш мепурсад:

- Занак, ту дар баданат равғани зиёдатӣ дорӣ?

Зан ба қаҳр омада:

- Бале, дорам.

Мард аз саволи додааш пушаймон шуда, мегӯяд:

- Ин занакҷони ман ҳама чизро дорад-е!

### Орзу

Духтар ба ҷавоне дил баста, аз ӯ мепурсад:

- Ман метавонам орзуи ягонаи ту бошам?

Ҷавон дар ҷавоб:

- Ту ҳеҷ гоҳ ба RANGE ROVER табдил ёфта наметавонӣ!

### Асфалт

Зане ба мағозаи қолинҳо даромада, ба фурӯшанда мегӯяд:

- Ба ман ягон қолинчаи чиркбардор барои утоқи кӯдакон диҳед.

Фурӯшанда:

- Шумо чанд фарзанд доред?

Зан:

- Шашто...

Фурӯшанда:

- Ин тавр бошад, беҳтараш фарши хонаатонро асфалтпӯш намоед, хола.

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

## ЛАТИФАҲО

### Ба ман нарасид

- Дар деҳае бо ҷавони шӯхе рӯ ба рӯ шудам, ки агарчи 30 сол дошт, ҳанӯз оиладор нашуда буд. Чун сухан аз оила баромад, бо кунҷковӣ пурсидам:

- Чаро то ҳанӯз зан намегирӣ?

Чанд нафарро номбар карда, бо ханда гуфт:

- Беинсофҳо ҳама 2-3-той зан гирифтанд, ба ман якто ҳам нарасид.

### Зарбаи 11-метра

Имшаб хоб дидам, ки футболбоз шудааму дар дастаи яккачини кишвар чун ҳуҷумкунандаи беҳтарин ба ҷойи Алишер Ҷалилов ба бозӣ даромадаам. Дастаи мунтахаби мо бо мунтахаби Ҷопон дар варзишгоҳи бузурги шаҳри Токио кувваозмоӣ мекард. Баъди яке аз ҳуҷумҳои ногаҳониам, бозингарони мунтахаби Ҷопон маро дар назди дарвоза аз пой афтониданду довар зарбаи 11-метра таъин кард. Қарор шуд, ки зарбаро худам занам. Аз дур давида, чунон сахт зарба задам, ки ҳатто дарвозабон чӣ гуна ба дарвоза даромадани тӯбро надид. "Гоооооол" гӯён, нав дод мезадам, ки муште ба биниам хӯрдам. Бедор шудам, ки аз диван афтодааму очаи бачаҳо таҳдидкунон мегӯяд:

- Ман ҳозир голро ба шумо нишон медиҳам!

### Озодии баён

- Мо дар бораи чизе сухан мегӯем, ки вуҷуд надорад. Ин магар аҷиб нест?,- пурсидам аз Эшони Маҳдӣ дар Рӯзи озодии баён.

Гуфт:

- Не, дар бораи чизи набуда гап задан аҷиб нест. Аҷиб он аст, вақте чизеро ҷашн бигирӣ ва бидонӣ, ки нест.

### Хоҳиши иҷронашаванда

Кори нафареро буд кардам. Хеле миннатдориам карда, гуфт:

- Бар ивази ин некӣ бароят чӣ хизмат кунам?

Гуфтам:

- Хизмате даркор нест. Фақат дар намозхоят дар ҳақам дуо кунӣ, басанда аст.

- Бубахш,- гуфт,- ин хоҳишат иҷронашаванда аст.

- Чаро иҷронашаванда будааст?,- бо ҳайрат пурсидам аз ӯ.

- Ман ки намоз намехонам,- гуфт бо ханда,- чӣ хел дуо кунам?

### Тавбашикан бошу дилшикан не

Мундонӣ рӯзҳои истироҳат меҳмони чанд нафар аз ҳамдеҳаҳо шуд ва бо нафаре вохӯрд, ки замоне аз боданӯшиву мастӣ тавба карда буд. Баъд аз саломи алейк ӯро дар ҳолати ширакайфӣ дида, пурсид:

- Тавба чӣ шуд бобо, тавба? Боз тавбаро шикастаед ку!

Бо табассум гуфт:

- Тавбашикан бош, аммо дилшикан не.



**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

Руту-бат, заҳ
Фу-лузот

"Ҷаҳони кӯҳна"
Ба-раҳна, урён

Алоқа, робита
Нимҷазира дар Аврупо
Нидои мух-лисон.
Шоҳи фут-бол.
Ҳафизуллоҳ ..., шоҳи Афғонистон.
Шибит.
Фа-лаҷ.
Бибӣ (лаҳҷ.)
Худдорӣ кардан, худдорӣ
Воҳиди пули Албание
Миннат.
Рӯҳши-нос.
Баҳрнаварди машҳур
... Навоӣ
Яроқи занбӯр.
Шаҳр дар атрофи Маскав.

Гирифтори касалии барас

Ҳар чизи гирд, мудаввар
Мир ... Алии Ҳамадонӣ.